آوازتاجیک

Рӯзнома аз соли 1924 чоп мешавад

Номҳои пешинаи рӯзнома «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (соли 1924-1931), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ӯзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1964-1991)

Бани одам аъзои якдигаранд!

# Овози тоҷик

10 январи соли 2024
Чоршанбе
№ 3
(15014)

e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru

# ЛОИҲАҲО ДАР СОҲАҲОИ САВДО, ХИДМАТРАСОНӢ ВА МАДАНӢ ПЕШНИҲОД ШУДАНД

***Президент Шавкат Мирзиёев 9 январ бо муаррифии рушди инфрасохтори савдо ва хидматрасонӣ, сохтмони иншооти маданӣ ва сайёҳӣ шинос шуд.***

Дар ҷамъомади видеоӣ, ки 18 декабри соли гузашта ба вуқӯъ пайваст, супоришҳои дахлдор дода шуда буданд. Аз ҷумла, зарурияти самарабахш истифода бурдани иқтидори бузурги сайёҳии кишвари мо, зиёд кардани миқдори иншооти сайёҳӣ ва ҷойҳои меҳмонқабулкунӣ зикр гардида буд.

Дар муаррифӣ лоиҳаҳое, ки мувофиқи вазифаҳои мазкур коркард шудаанд, баррасӣ гардиданд.

Манзараҳои зебои кӯҳистони ноҳияи Шаҳрисабзи вилояти Қашқадарё, ноҳияи Паркенти вилояти Тошканд эътибори сайёҳони зиёдро, бахусус дар мавсими баҳору тобистон ҷалб менамоянд. Ба мақсади вусъат додани шароит барои сайёҳон сохтмони пойгоҳи замонавии истироҳат дар деҳоти Миракии ноҳияи Шаҳрисабз, Нуробод ва Кумушкони ноҳияи Паркент ба нақша гирифта шуданд.

Ҳамчунин ташкил намудани ҷойҳои меҳмонқабулкунӣ аз тарроҳиҳои сабук дар пойгоҳи Майдонаки вилояти Қашқадарё, ба соҳаи савдо ва хидматрасонӣ мувофиқ сохтани биноҳои дахлдор, обод кардани ҳудудҳо пешбинӣ мегарданд.

Яке аз марказҳои ҷолиб барои сайёҳон бозорҳо маҳсуб меёбанд. Вале ҳоли ҳозир баъзе бозорҳои мо барои сайёҳон ҷолиб нестанд, дар онҳо ороишоти миллӣ намерасанд.

Вобаста ба ин аз ҷониби роҳбари давлат супурда шуд, ки лоиҳаи маҷмӯъҳои бозор, ки маданияти миллии моро инъикос карда тавонанд, коркард шаванд. Дар муаррифии имрӯза лоиҳаҳо бобати ба маҷмӯи ҷолиби сайёҳон табдил додани бозори шаҳрҳои таърихӣ, ки пешакӣ таҳия шудаанд, муҳокима гардиданд.

– Бояд бозорҳо ба «корди ташриф»-и мамлакат табдил ёбанд, махсусиятҳои нодири онҳо нигоҳ дошта шавад. Дуконҳои маҳсулоти хӯрокворӣ, сару либос, маснуоти заргарӣ, озуқаворӣ, биноҳо барои хушнудӣ бояд якдигарро дар ҳамоҳангӣ пурра кунанд ва харидорону сайёҳонро ба худ ҷалб созанд, – гуфт Шавкат Мирзиёев.

Муҳимияти омӯхтани таҷрибаи дахлдори Туркия ва кишварҳои араб, ҷалб намудани мутахассисони хориҷӣ ба лоиҳасозӣ таъкид кард.

Дар ҷараёни муаррифисозӣ ҳамчунин оид ба бозорҳое, ки бояд дар чунин марказҳои сайёҳӣ, аз ҷумла Тошканд, Самарқанд, Бухоро, Хива сохта шаванд, маълумот пешниҳод гардид. Роҳбари давлат бобати дар лоиҳаҳо инъикос намудани манзараи минтақаҳо, созмон додани шароитҳои васеъ барои сайёҳон супориш дод.

Дар ҷамъомади Шӯрои оид ба маънавият ва маърифати ҷумҳурӣ аз ҷониби Президент масъалаи такмил додани фаъолияти Сирки давлатии Тошканд баррасӣ шуд. Дар муаррифсозӣ нақшаҳо оид ба таъмири иморати ин муассисаи фарҳангӣ, ҳамчунин сохтмони бинои таълимӣ барои 300 нафар ба мақсади қаробати таълим ва таҷриба дар ҷараёни тайёркунии кадрҳо барои соҳаи санъати сирк муҳокима гардиданд.

Роҳбари давлат бинобар коркард ва босифат татбиқ намудани лоиҳаҳо супоришҳо дод.

**ЎзА.**

*Қарор ва иҷро*

***Дар асоси қарори Президент «Дар бораи чораҳои дар тӯли солҳои 2024-2026 инкишоф додани инфрасохтори иҷтимоӣ ва истеҳсолии Ҷумҳурии Ӯзбекистон» дар иншооти инфрасохтории иҷтимоӣ ва истеҳсолӣ фароҳам овардани иқтидорҳои нав ба сифати нишондодҳои мақсаднок муайян гардиданд.***

# ДАР МАҲАЛЛАҲО ШАБАКАҲОИ ИСТЕҲСОЛӢ МЕАФЗОЯНД

Барои ба ҳаёт татбиқ намудани вазифаҳое, ки дар Стратегияи «Ӯзбекистон – 2030» муайян шудаанд, бахусус дар маҳаллаҳо беш аз пеш инкишоф додани инфрасохтори иҷтимоию истеҳсолӣ, барои соҳибкорон фароҳам овардани муҳити мусоиди сармоявӣ чораҳо андешида мешаванд. Ҳокимияти ноҳияи Янгийӯл, ки ба вазифаҳои мазкур эътибори алоҳида медиҳад, низ бахри беш аз пеш инкишоф додани фаъолияти шабакаҳои саноатӣ саъй дорад.

– Мувофиқи таҳлилҳо туфайли хунукиҳои шадиди моҳҳои январ-феврали соли 2023 дар таъминоти электр ва гази табиӣ норасоиҳои мунтазам ба миён омаданд, ки ин ба иҷрои нишондодҳои пешбинишуда таъсири манфӣ расонид. Вале барои аз байн бардоштани муаммоҳои мавҷуда корҳои мунтазам татбиқ шуданд, – мегӯяд муовини ҳокими ноҳияи Янгийӯл, сардори шуъбаи сармояҳо, саноат ва савдо Илҳомҷон Ҷӯраев. – То 1 декабри соли гузашта миқдори лоиҳаҳои ба кор даромада 58 ададро ташкил дод, ки арзиши умумии онҳо 765,9 миллиард сӯм мебошад. Шумораи ҷойҳои нави корӣ бошад, ба 2271 расидааст. Дар самти саноат 38 адад корхонаи арзиши умумиашон 655,7 миллиард сӯмина ба истифода супурда шуданд. Дар 2-тои онҳо аҳолӣ бо шуғл таъмин гардиданд. Яке аз онҳо корхонаи «KIDDY TOYS» мебошад, ки дар маҳаллаи «Туябӯғиз» ҷойгир буда, барои бачагон лӯхтак истеҳсол мекунад. Корхонаи мазкур дар ҳамкорӣ бо кишвари Белорус ба кор супурда шуд. Соли гузашта ҳаҷми истеҳсоли он 18,5 миллиард сӯмро ташкил дод, ҳаҷми содирот бошад, ба 420 ҳазор доллар расид. Дар ин давр грануллаҳои махсус, ки барои лӯхтакҳо пешбинӣ шуданд, истифода гардиданд ва 600 навъи лӯхтак истеҳсол шуд. Алҳол дар ин ҷо 120 нафар аҳолӣ бо шуғл таъмин мебошанд, ки 70 нафари онҳо занону духтарон ба шумор меравaнд.

Дар корхонаи «MISS MADI BUSINESS», ки дар маҳаллаи Ғалаба ҷойгузин мебошад, низ истеҳсоли мебелҳои барои бӯстонсароҳо ба роҳ монда шудааст, дар он тақрибан 50 нафар мутахассисони ботаҷриба кор мекунанд. Баробари оғоз ёфтани мавсими корӣ боз наздики сад нафар шаҳрвандон ба кор ҷалб карда шуданд. Тӯли соли гузашта аз Чин технологияҳои махсус оварда ва истеҳсоли 10 навъи маҳсулот ба роҳ монда шуданд. Маҳсулоти истеҳсолшуда ғайр аз бозорҳои дохилӣ ба кишварҳои Қазоқистон, Тоҷикистон, Қирғизистон ва Русия ҳам содир мегарданд. Корхона барои соли равон ба миқдори 5 миллиард сӯм воми имтиёзнок гирифта, фароҳам овардани ҷойҳои нави корӣ ва васеъ намудани фаъолияти корхонаро ба нақша даровардааст.

Умуман, дар маҳаллаҳои ноҳияи Янгийӯл аз тариқи зиёд кардани чунин шабакаҳои саноатӣ аҳолӣ бо шуғл таъмин мешавад ва даромади вай зиёд мегардад.

**Абдулазиз МУСОЕВ,**
**хабарнигори ЎзА.**

***Дар маҷаллаи сайёҳии Ҳиндустон «Business of Travel Trade-BOTT» бахшида ба шаҳри бостонии Самарқанд ва ҳамкориҳои ӯзбекистониву ҳиндустонӣ дар соҳаи сайёҳӣ мақолае чоп шуд.***

# ҶОЗИБИЯТИ САМАРҚАНД

«Ҳамкориҳои бисёрҷанбаву бисёрсоҳаи байни Ӯзбекистон ва Ҳиндустон таърихи амиқ доранд. Ду мамлакатро ҳамкориву шарикиҳои деринаву аз имтиҳони замон бомуваффақият гузашта дар соҳаҳои мухталиф, аз ҷумла сиёсат, иқтисодиёт, маърифат, варзиш, маданият ва илмҳои гуманитарӣ ба ҳам мепайванданд, – қайд мегардад дар маҷалла. – Дар ин қатор соҳаи сайёҳӣ ҳамчун яке аз самтҳои муҳимтарини ҳамкории тарафайн тафриқа дорад».

Муаллифи мақола менависад, ки Ӯзбекистон аз паҳн кардани иқтидори ғанӣ ва фарогири сайёҳии худ ба Ҳиндустон манфиатдор мебошад, дар ин бобат ба сайёҳони ҳинду маълумоти гуногунро оид ба маданият ва анъанаҳои ғановатманди мамлакат, ҷойҳое, ки диданӣ мебошанд, ҳамчунин маълумотро доир ба шаҳрҳои куҳану ҳамешаҷавони Тошканд, Самарқанд, Бухоро, Хива, Андиҷон, Фарғона ва Наманган пешниҳод менамояд.

«Дар ин бобат сафоратхонаи Ӯзбекистон дар Деҳлӣ ба сифати пули байни ду мамлакат хидмат мекунад, вай дар ширкатҳои маркетингӣ иштирок намуда, маҷмӯи нави сайёҳиро пешниҳод ва барои харидорони тамоми ҳудуди Ҳиндустон чорабиниҳои рекламавӣ баргузор месозад», – менависад хабарнигори «Business of Travel Trade-BOTT».

Сипас эътибори хонандагони маҷалла ба пойтахти молиявии Ҳиндустон – шаҳри Мумбай ҷалб карда мешавад, ки роуд-шоуи васеъмиқёс дар бораи имкониятҳои сайёҳии Ӯзбекистон мебошад. Бинобар ақидаи нашрия муаррифии мазкур боз як мисоли равшани ҳамкориҳои қарини байни Ӯзбекистон ва Ҳиндустон дар соҳаи сайёҳӣ гардид, ки ду кишвари бузургро муттаҳид намуда, онҳоро беш аз пеш наздик мекунад, ба сокинони Ҳиндустон имкон медиҳад, ки дар бораи Ӯзбекистон маълумоти бештар дошта бошанд, аз эътирофи воқеӣ ва ҷаҳонии меҳмоннавозии вай хабардор шаванд.

Муаллифи мақолаи «Самарқанд: пойтахти ҷаҳонии сайёҳии маданӣ» нақл мекунад: «Дар қалби Ӯзбекистони шарқиву марказӣ шаҳре ҷойгузин мебошад, ки вай дар бораи тамаддуни гузаштаи таърихӣ ҳикоя мекунад, дар ин ҷо ҳар як кӯча шаҳодати дигаргуниҳои вақту замон мебошанд. Хуш омадед, ба Самарқанд, ба шаҳре, ки шоҳиди зиндаи таърихи беш аз duҳазорсолаи ғановатманд ва қаробати фарҳангҳо ба шумор меравад».

Журналист саъй менамояд, ки нируи оҳанрабоии шаҳри куҳанро дарк кунад, аз ин рӯ ба ақидаи зерин меояд: «Ҷозибаи Самарқанд дар муъҷизаҳои таърихии он – ҳамоҳангии масҷид, мадраса ва мақбараҳои зебои вай мебошад. Дар маркази шаҳр иншооти Мероси умумиҷаҳонии ЮНЕСКО – Регистон қарор дорад, ки замоне майдони сераҳолӣ, бозоргоҳҳо, корвонсаройҳо ва инъикоси шаҳомати ҳокимон буд. Регистон моҳиятан таърихи ғановатманди Самарқандро таҷассум менамояд, аз зоирон даъват месозад, ки ба давронӣ гузаштаи ин шаҳри ғайриоддӣ таваҷҷуҳ зоҳир намоянд».

Вай ба сайёҳон маслиҳат медиҳад, ки дар кӯчаҳои танги Самарқанд саёҳат кунанд, намунаҳои асроромези шаҳри куҳанро дар ҳар як кунҷу канори онҳо – аз мадрасаи муҳташами Бибихонум то муъҷизаи бемонанд – расадхонаи Улуғбек, муҳити сокини маънавии маҷмӯи Хӯҷа Аҳрор ва Афросиёби куҳану мафтункорро бо чашмони худ бубинанд. «Ба мақбараи ҷолиби Амир Темур дида дӯзед, зеро ки он бо мероси нотакрори шахсияти таърихӣ алоқаманд аст. Ҳар як қадами шумо бозёфте аз ин китоби зиндаи таърих хоҳад буд», таъкид мешавад дар нашрия.

Дар мақола ёдгориҳои меъмории Самарқанд, бозори серодаму серғавғои Сиёб, дуконҳои хурди тамоми шаҳр, коргоҳҳое, ки ҳунармандон ёдгориҳои зеборо, аз ҷумла матоъҳои дастибофи маҳаллӣ ва асбобу ускунаҳои кулолиро меофаранд. Ресторанҳои шаҳр макони таббохӣ номида шудаанд, ки дар онҳо намунаи таомҳои милливу байналхалқӣ ба ҳам ҳамоҳангӣ пайдо кардаанд.

«Самарқанд таърихи зиндаи фарҳанг аст, вай тақозо мекунад, ки аз он танҳо бо ёдгориҳо не, балки бо як пораи хотираи нек бозгардед. Бо гунбадҳои нилгуни он, кӯчаҳои каҷу килеби шаҳр хайрухуш карда, дарк менамоед, ки ҷаззобияти Самарқанд ҳамчун акси садои абадии саёҳат ба қалби таърихи назаррабои Ӯзбекистон бо шумо боқӣ мемонад», – хулоса мекунад муаллифи мақола.

**АИ «Дунё»,**
*ДЕҲЛӢ.*

# БА АНДОЗАИ 6 МИЛЛИОН ДОЛЛАР МАҲСУЛОТ СОДИР МЕШАВАД

***Ҳар як гӯшаву канори мамлакати мо торафт беҳтар мегардад. Хонаҳои нави истиқоматӣ, кӯдакистонҳо, мактабҳо, стадионҳо, иншооти тиҷоративу хидматрасонӣ, корхонаҳои истеҳсолӣ бунёд меёбанд, ки ҳусни шаҳру деҳоти моро зеботар мекунанд.***

Ин, бешубҳа, натиҷаиислоҳотест, ки дар кишвар бобати мустаҳкам кардани сулҳу осоиш, рушди иқтисодиёт, баланд бардоштани некуҳолии халқи мо татбиқ мегарданд. Аз ҷумла, дар ноҳияи Ҷалолқудуқ солҳои охир бинобар сохтмон, баланд бардоштани некуҳолии аҳолӣ, бо шуғл таъмин кардани вай корҳои васеъмиқёс амалӣ шуданд.

– Дар ноҳияи мо дар доираи Барномаи пешниҳоднамудаи Президент, ки ба пешбурди саноат, таъмин сохтани аҳолӣ бо шуғл, беҳтар намудани шароити ҳаёт дар ноҳияҳои дурдаст нигаронида шудаанд, корҳои назаррас татбиқ мегарданд, – мегӯяд ҳокими ноҳияи Ҷалолқудуқ Ҳикматулло Латипов. – Дар ноҳиямон саноати сабук зуд ривоҷ меёбад, дар ин самт иҷрои лоиҳаҳои нави истеҳсолӣ ба роҳ монда мешаванд.

Ба қарибӣ дар маҳаллаи Туялас корхонае, ки ба истеҳсоли маснуоти дӯзандагӣ тахассус дод, ба кор шурӯъ кард. Маснуоти корхона, ки таҳти тамғаи «Само» истеҳсол мешаванд, нафақат дар бозорҳои дохилӣ, балки дар бисёр бозори кишварҳои хориҷӣ низ харидоргиранд.

Дар корхонае, ки аз ҷониби ҷамъияти масъулияташ маҳдуди «Ҷалолқудуқ кластер агросервис» созмон дода шуд, дар доираи лоиҳаи арзишаш 8,7 миллион доллари ИМА 3,5 миллион адад маҳсулоти тайёри дӯзандагӣ истеҳсол карда мешавад. Алҳол истеҳсоли беш аз 30 намуди маҳсулот барои кӯдакон, занон ва мардон ба роҳ монда шудааст. Пешбинӣ мегардад, ки корхона маҳсулоти худро соле дар ҳаҷми 6 миллион доллар ба содирот бароварад.

– Корхонаи мо фаъолияти худро дар чоряки 2-юми соли гузашта оғоз карда буд, – мегӯяд роҳбари ҷамъияти масъулияташ маҳдуди «Ҷалолқудуқ кластер сервис» Акромҷон Ғаниев. – Дастгоҳ ва таҷҳизотро асосан аз Италия, Ҷопон ва Туркия овардем, ҷараёни истеҳсолот пурра автоматиконида шудааст.

Истифодаи барномаи зеҳнии иттилоотӣ имкон медиҳад сифат ва миқдори маҳсулот, ки дар ҳар кадом хат истеҳсол мешаванд, аз тариқи онлайн назорат карда шавад. Аз ҳама муҳимаш маҳсулнокӣ чандин карат афзуд.

Алҳол маҳсулоти ширкат ба кишварҳои ИДМ содир карда мешаванд. Ҳоли ҳозир роҳбарияти корхона бобати ба роҳ мондани ҳамкорӣ бо як қатор кишварҳои Аврупо бахри вусъат додани содирот гуфтушунид мебарад.

Дар ин корхонаи замонавӣ айни ҳол 800 нафар кор мекунанд. Аксарияти онҳо бонувон мебошанд. Барои фаъолияти самарабахши коргарон тамоми шароити зарурӣ фароҳам оварда шудаанд. Аз ҷумла, хӯроки нисфирӯзӣ бепул буда, барои кормандон хонаҳои истироҳатӣ хидмат мекунанд, онҳоро нақлиёт ба коргоҳ меоварад.




**Фахриддин УБАЙДУЛЛОЕВ,**
**хабарнигори ЎзА.**
**Суратгир: З. УМУРЗОҚОВ (ЎзА).**





# FORBES: ӮЗБЕКИСТОН – ҶОЙИ ЗИЁРАТИ ҲАТМӢ ДАР СОЛИ 2024

***Дар маҷаллаи молиявиву иқтисодии машҳури амрикоӣ Forbes бахшида ба Ҳафтаи мӯд, ки моҳи ноябри соли гузашта дар Тошканд баргузор шуд, мақола чоп гардидааст.***

Бинобар маълумоти нашрия Ӯзбекистон бузургтарин содиргари пахта ва кишвари саноати бофандагӣ ҳамчун Ҳиндустон, Ветнам, Бразилия ва Чин ба шумор меравад.

«Тӯли солҳои охир Ӯзбекистон бобати рушди сайёҳӣ як қатор ташаббусҳоро пеш гузошт. Бояд таъкид намуд, ки дар Ӯзбекистон бисёр маҷмӯъ ва шаҳрҳое мавҷуданд, ки ба Рӯйихати мероси умумиҷаҳонии ЮНЕСКО ворид карда шудаанд. Ҳафтаи мӯд собит намуд, ки пойтахти Ӯзбекистон низ чун шаҳрҳои афсонавии Самарқанд ва Бухоро ҳусни бемислу нотакрор дорад. Бидуни муболиға Тошканд аз он ҷойҳоест, ки бояд тамошо кард», – менависад муаллиф.

«Forbes» ҳамчунин вобаста ба ин ҳамоиш аз намояндаи машҳури олами мӯд Даяна Перне иқтибос меоварад: «Гулпарак – тимсоли беназири зебоӣ ва ҳусни мавсим».

Мувофиқи мақола сафари асосгузори аввалин ҷашнвораи ҷаҳонии мӯд, маданият ва кинои «ASVOFF» Даяна Перне ба Ӯзбекистон зарурияти ба руйхати ҷойи ҳатмӣ барои зиёрат дар соли 2024-ум дохил кардани Тошкандро нишон дод.

«Беш аз даҳ ороишгар маҷмӯи либосҳои баҳориву тобистонии соли 2024-умро дар чорабиние, ки дар ҳотели Hyatt Regency баргузор шуд, намоиш доданд. Панҷ нафари онҳо брендҳои ҷавонони Ӯзбекистон, панҷ адади боқимонда аз Қазоқистон ва Гурҷистон буданд. Маҷмӯи куртаҳое, ки ҳар кадом ороишгар пешниҳод намуд, аз ҷониби коршиносон бинобар ҷиҳатҳои нодир ва сохти худ эътироф шуданд», – менависад «Forbes».

Хотиррасон менамоем, ки маҷаллаи «Forbes» аз нашрияҳои муассиртарини иқтисодии ҷаҳон ба шумор меравад. Теъдоди он дар ИМА аз 900 ҳазор зиёд аст. Маҷалла бо тадқиқоти ҷасуронаи худ ва баҳои воқеъбинонааш ба ҳодисаҳои олами тиҷоратӣ, ҳамчунин интишороташ дар руйхату номгӯйҳои мухталиф машҳур мебошад. Дар ҳар кадом шумораи маҷалла зиёда аз 60 мақолаи таҳлилӣ дар бораи ширкат ва менеҷерҳо чоп мешаванд. Хонандагони умумии «Forbes» дар тамоми ҷаҳон тақрибан 5 миллион нафарро ташкил медиҳанд.

**АИ «Дунё»,**
*ВАШИНГТОН.*

***Тайи се соли охир фурудгоҳи байналхалқии Тирмиз мукаммал таъмир гардида, барои парвози мусофирони ватаниву хориҷӣ рейсҳои нав ба роҳ монда шуд.***

# АВИАРЕЙСИ ТИРМИЗ – ҶИДДА БА РОҲ МОНДА ШУД

Ба ҳамагон маълум аст, ки солҳои қаблӣ новобаста ба талаботи рӯзафзуни мардум имконият ва шароит барои зиёрати ҳаҷ ва умра ба таври бояду шояд муҳайё набуд. Баъд аз паси сар шудани пандемия бо ғамхории ҳукумат барои зиёраткунандагон имконият ва шароити зарурӣ фароҳам омад.

То ба қарибӣ барои зиёраткунандагон дар вилояти Сурхондарё, ки аз пойтахти ҷумҳурӣ хеле дур воқеъ аст, мушкилот дар парвоз ҷой дошт. Яъне, зиёраткунандагон роҳи дуру дарозро паси сар намуда, ба пойтахт меомаданду парвоз мекарданд ва дар бозгашт низ ин заҳмат такрор меёфт. Кунун аз оғози соли нави 2024 зиёраткунандагон парвози худро аз фурудгоҳи Тирмиз рост ба Ҷидда ба амал мебароранд. Авиакомпанияи «Centrum Air» имконияти ба роҳ мондани парвози тайёраи навъи Airbus-320-ро ба даст овард. Аз ин рейси навташкилгардида доираи ҳукумати ҳамсоя ва бародари Тоҷикистон низ майлу рағбат пайдо карда истодаанд, то ки зиёраткунандагони ҷумҳурӣ аз фурудгоҳи байналхалқии Тирмиз парвоз намоянд. Ин хоҳиш ва рағбат, албатта, ба рушди соҳаи сайёҳии кишварамон низ мусоидат хоҳад кард.

Таъкид кардан ҷоиз аст, ки Airbus-320 180 нафар мусофиронро дар муддати 4 соат аз Тирмиз ба Ҷидда мерасонад. Ин рейс дар ҳар 15 рӯз як маротиба амалӣ мешавад.

**Олим ПАНҶИЗОДА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Сурхондарё.**

# ДУХТУРОНИ КУВАЙТӢ – ДАР ФАРҒОНА

***Гурӯҳи бистнафарии духтурони Кувайт ба вилояти Фарғона омаданд. Онҳо дар ҷараёни ин сафар ба таври ройгон ҷарроҳӣ намудани қалби 60 нафар фарзандони оилаҳои ниёзмандро анҷом хоҳанд дод, ки аз ин беморӣ азият мекашанд.***



Онҳо дар кишвари худ ба сифати мутахассисони баландихтисос муаррифӣ шудаанд, дар клиникаҳои ширкати «Gulf Care General Trade»-и Кувайт машғули фаъолият мебошанд.

Сафари онҳо мувофиқи татбиқи як лоиҳаи бузурги сармоягузорӣ дар Фарғона корбаст мегардад, ки байни Ўзбекистон ва Кувайт барномарезӣ шудааст.

– Корҳои ҷарроҳӣ то 16 январ дар маркази тиббии бисёрсоҳаи кӯдаконаи вилоят ба вуқӯъ мепайванданд. Ҳоло барои ҷарроҳӣ 60 нафар кӯдакон тайёр карда шудаанд. Онҳо тавассути амалиёти мураккаби ҷарроҳии технологӣ, аз ҷумла амалиёти интервенсионии кардиологӣ ҷарроҳӣ мешаванд, – мегӯяд сардори Саридораи сиҳати оммаи вилоят Абдуқаюм Тӯрақулов.

Маълум шуд, ки ин кӯдакони бемор ҳанӯз дар моҳи июли соли 2023 аз тарафи табибони кувайтӣ мавриди муоинаи тиббӣ қарор гирифтаанд ва ба феҳрасти нақшаи ройгон ҷарроҳӣ кардани онҳо ворид гардидаанд.

**Мирасрор АҲРОРОВ,**
**мухбири «Овози тоҷик».**
*Вилояти ФАРҒОНА.*

***Дар деҳаи Дуобаи маҳаллаи Дӯстлики ноҳияи Узун ҷавонони ғайратнок, ба монанди Кароматулло Меликмуродов, Алишер Рӯзиев, Маъруф Зоитов, Ойбек Раҷабов, Солеҳ Рӯзиев, Одил, Олим, Қосим Бобоевҳо ва дигарон хеле бисёранд. Ин ҷавонони фаъол соли ҷорӣ дар овозгирии «Опен-бюҷет» часпу талоши зиёд намуда, ғолибиятро ба даст овардаанд ва 5 км. 600 метр роҳи калони деҳаро, ки бо роҳи маркази ноҳия мепайвандад, мумфарш намуда, дар қади роҳ ба ҳар як симчӯб чароғи равшаннамоӣ насб карда, ба кӯчаҳо равшанӣ овардаанд.***

# ҒАЙРАТИ ҶАВОНОНИ ДУОБА

Ҳоло шабонгоҳ ҳеҷ кас наҳаросида дар кӯчаҳо мегардад. Мисли шаҳр ҳама кӯчаҳо равшан, тоза, озода. Офарин ба чунин ҷавонон. Ҳамаи ин корҳо бо роҳбарии раиси маҳаллаи Дӯстлик Илҳом Муродов ва фаъоли маҳалла Умедҷон Файзуллоев шуда истодааст. Дар деҳаи Дуоба ҳама дӯст медоранд ин ҳарду ҷавони меҳнатдӯст ва фидоиро, зеро ҳарду ҳам ҷавони кушодачеҳра, хушқаду қомат, дарёдил, ширинзабон ва дар корҳои ҷамъиятӣ фаъол мебошанд.

Ҳарду ҳам дар оилаҳои намунавӣ тарбия ёфтаанд.

Падари Илҳомҷон – Мурод Ниёзов солиёни зиёд дар мактаби рақами 15-уми ноҳия директор буду дар тарбияи насли навраси деҳа саҳми арзанда гузоштааст. Шогирдонаш дар ҳама соҳоти ҷамъият дар вазифаҳои гуногун камарбаста. Аълочии маорифи халқ. Ҳоло дар нафақа, ба фарзандону наберагон дуогӯй.

Падари Умедҷон – Равзатулло Олимов шифокор, одами аҷоиб, доимо ба беморон меҳрубон, ин шахсро дар ноҳияву вилоят хуб мешиносанд. Модараш Сидиқахон бонуи хона, зани сариштаву сиришта ба некӣ, ба ҳеҷ касе бадӣ надорад, баръакс хайрхоҳи мардум. Ҳарду фарзандонро дар роҳи нек тарбият карданд, ҳама соҳиби маълумоти олӣ. Дар деҳаи Дуоба яке аз оилаҳои намунавӣ ба шумор меравад.

Бобои Умедҷон – пири барнодил, бобои Файзулло ба синни 86 расида бошанд ҳам, ҳоло ҷавон барин. Момои Умедҷон Хадичамомо ҳамчун фариштаи деҳа доимо даст ба дуо кушода ҷавононро чунин дуои нек мекунанд:

*Сарат аз санг гардад, ҷони ман, доим*
*ҷавон монӣ,*
*Илоҳо, аз карам бошад,*
*ки бо лутфаш амон монӣ.*
*Диле аз меҳр пур дорӣ,*
*зи ту ранҷе набинад кас,*
*Чунон ки меҳрубон ҳастӣ,*
*ба мардум меҳрубон*
*монӣ.*

Кори савобро бояд ҳар як кас ҳар рӯз, ҳар соат карданаш даркор гуфтаанд.

*Аз давлати мардони Ҳақ*
*мардона шуд кӯҳу камар,*
*Аз заҳмати мардони кор*
*овард саҳро ҳам самар...*

Рӯзе Умедҷон бо хаёлҳои парешон тез-тез қадам монда, раҳорах саросемавор сумкаи пур аз коғазҳоро тагу рӯ карда худ ба худ чизе мегуфт: «Имрӯз корҳоям иҷро мешуда бошад? Бояд иҷро шавад. Охир вақт кам монд, зимистон ҳам расида меояд». Касе аз қафояш хаёлашро бурид.

– Умедҷон, ин қадар саросема ба куҷо меравед?

Умедҷон ба ақибаш нигоҳ кард ва дид, ки раиси маҳалла Илҳом Муродов, хеле хурсанд шуд ва баъди саломуалейк «Ба манзили хомӯшон дарахту гулҳо шинондан даркор. Ана акаи Камол дарахтони бисёре, монанди арча ва дарахтҳои манзаравӣ овардаанд, дар ду тарафи роҳи қабристон шинондану кориданро ба анҷом расонидан лозим» гуфт.

– Э, кам нагардед, Умедҷон, шумо барин ҷавонони ғайратнок бисёртар бошанд, маҳаллаамон аз ҳама маҳаллаи ободу зебо мегардад, – гуфт раиси маҳалла Илҳомҷон.

Умедҷон соҳиби 3 фарзанди дӯстрӯяк мебошад. Имронҷон, Шоҳрӯз ва Сумая, ҳамсараш Нозигул ҷавонзани боақлу чаққон, бо шарму ҳаё, дар хидмати шавҳарашу фарзандон ва пирони дуогӯйи ҳамин оила камар бастааст.

– Ҳоло ниятҳои нек дар пеш, – мегӯяд Умедҷон. – Ниятҳо холис бошад, ба ҷавонон ғайрат ҳам зам мегардад. Ман худам раҳбарӣ мекунам.

**Маҳкамтош НАБИЕВА,**
**нафақахӯр.**
*Вилояти СУРХОНДАРЁ.*

# ҲОСИЛИ БОҒАТОН ФАРОВОН БОД

Ҳосили боғ меваҳои хуштамъи анвои дарахтон бошад, самари кори омӯзгор шогирдони накӯтарбияву аълохон мебошад. Зимни суҳбат бо устоди собиқадори тоифаи олӣ, устои чирадасти наҷҷор Абдуназар Пирназаров, ки дар омади гап сухан дар бораи заҳматҳои Суннат Мирзоеви омӯзгор мерафт, бо ифтихор ба забон овард, ки ба ӯ аз илмҳои риёзиву ҳандаса сабақ дода будам.

– Хонандае буд зирак, кунҷков бо хотираи мустаҳкам, – ба ёд овард А. Пирназаров...

Соли 1991 ҳуҷҷатҳояшро ба факултаи математика ва механикаи Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон (ҳоло Донишгоҳи миллӣ) супорид. Бахташ тофт. Устодони зиёд аз фанҳои риёзиву ҳандаса, информатика, физика, таъриху фалсафа мукаммал сабақ доданд.

– Дарсҳои устодон Б. Алиев, Р. Мустафоев, М. Ашуров ва дигарон хотирмон буд, – ёдовар мешавад С. Мирзоев, – симои онҳо ҳамон пеши назарам, гӯё маро ҳамон ба донишомӯзӣ даъват доранд.

Пас аз хатми донишгоҳ Суннат ба зодгоҳ, ба мактаби рақами 38-уми деҳаи хушманзараи Синтаби ноҳияи Нуратои вилояти Навоӣ, ки замоне он ҷо аз устодон асосҳои илмро фаро гирифта буд, баргашт. Худ чун муаллими навомӯз ба толибилмон аз фанҳои математикаву информатика дарс дода, сол то сол маҳорат ва дониши худро сайқал ва ғанӣ гардонид. Ҳамарӯза бо устодон Абдуназар Пирназаров, омӯзгори пешқадами мактаби ҳамсоя Салим Ғафуров дар мулоқот буд. Сиру асрори дарсгузарониро аз Ҷӯраевҳо, Олибоевҳо, Элмуродов ва Мансуров пайваста омӯхт. Натиҷаи чунин заҳматҳо буд, ки шогирдонаш аз фанҳои математика ва информатика дар озмунҳои ноҳиявӣ, вилоятӣ иштирок намуда, обрӯю эътибори омӯзгори худро дар деҳа ва миқёси ноҳия боло бурданд. Бисёре аз шогирдон дар донишгоҳҳои Самарқанду Хуҷанд, Навоию Ҷиззах ва Душанбе таҳсил намуда, имрӯз дар пешбурди хоҷагии халқи кишвар саҳм мегиранд.

Соли хониши 2021-2022 барои омӯзгор соли комёбиҳо буд. Се нафар хатмкунандагони мактаб – Луқмон Амонов, Ғиёс Рӯзибоев ва Маъмурҷон Тӯхтамишев донишҷӯйи факултаи математикаи Донишгоҳи давлатии Самарқанд шуданд. Ҳар сол як-ду нафар шогирдони мактаби рақами 38 ба факултаҳои иқтисодӣ ва техникии ҷумҳурӣ дохил мешаванд..

Омӯзгори эҷодкор аст С. Мирзоев. Пайваста меомӯзад, дастуру китобҳои услубӣ менависад. Китоби калонҳаҷми «Ҳалли машқҳо аз алгебра»-ро ба забони тоҷикӣ тартиб додааст, ки омӯзгорони мактабҳои кӯҳпояи Нурато аз он самаранок истифода мебаранд. Дар соли 2022 бо пешниҳоди ШТХ ноҳияи Нурато китобчаи услубии Суннат Мирзоев бо номи «Муодилаҳои нишондиҳандагӣ ва логарифмӣ» чоп шуд.

С. Мирзоев ҳар кореро, ки анҷом диҳад, дар ҳамдастӣ бо шогирдон иҷро мекунад. Шавқу ҳаваси шогирдонро ба илму маърифат, худогоҳиву масъулиятшиносӣ бедор мекунад. Аз онҳо шахсиятро тарбия мекунад, ки бо пешрафти замон ҳамқадаму ҳамнафас бошанд. Бешубҳа, имрӯз фаъолияти педагогии С. Мирзоев сабақест барои омӯзгорони ҷавон низ.

*Бубулонро ҳар куҷо гулҳо ба*
*илҳом оваранд,*
*Ман ҳамон булбул, ки гулҳоро*
*ба илҳом оварад.*

Суннат ҳамон булбулест, ки гулҳои гулистони маърифатро ба гулбаргафшонӣ моил намуда, ба сӯйи қуллаи мурод раҳнамун месозад. Мақсади омӯзгор тарбияи шахсият аст.

– Ман тариқи зиндагӣ аз падар омӯхтам, – гуфт дар омади сухан. – Ин ҳавлӣ, ки пур аз ниҳолҳои ороишиву дарахтони мевадор мебошад ва дили бинандаро аз фараҳ лабрез месозад, маҳз бо заҳмати падарам – Деҳқонбобо ва модари заҳматкашам момои Ҷумъагул бунёд ёфтааст. Имрӯз роҳату ҳаловати боғро фарзандону набераҳо ва қарибонашон чашида истодаем. Ин ҳама барои мо фарзандон сабақест дар зиндагӣ. Ҳавлӣ дар ҷойе бунёд ёфтааст, ки ба он об аз ҷӯй намеояд. Падарам аз синаи кӯҳ чоҳҳо кофта, обро ба воситаи лӯлаҳои пластмасӣ овардаанд. Охири меҳнат роҳат будааст.

Заҳматҳои Суннат Мирзоевро маъмурияти ШТХ-и ноҳияи Нурато қадр кард. Бо пешниҳоди шуъба Суннат Мирзоев бо нишони сарисинагии «Аълочии таълими халқи Ўзбекистон» қадршиносӣ гардидааст.

**Иззатулло АЛИБОЕВ,**
**Аълочии таълими халқи Ўзбекистон.**

## ХАБАРҲО

### ШУҒЛ ДАР СОЛИ 2024

***Роҳбари давлат бо таклифот доир ба баланд бардоштани дараҷаи шуғл ва коҳишдиҳии талаботи маҷбурӣ дар соҳаи соҳибкорӣ шинос гардид.***

Тавре дар ҳисобот маълум гашт, дар ҷумҳурӣ миқдори бекорон 1,3 миллион нафарро ташкил менамояд. Соли равон ба бозори меҳнат боз 2,4 миллион нафар ворид хоҳанд гашт. Ҳаминро ба эътибор гирифта, дар соли 2024 аз ҳисоби ташкил кардани ҷойҳои нави корӣ ба шуғл фарогирии наздик 5 миллион нафар шаҳрвандон ба нақша даровардa шудааст. Аз ҷумла, имконият ҳаст дар соҳаи хидматрасонӣ 2,5 миллион, дар кишоварзӣ 2,1 миллион, дар лоиҳаҳои сармоявӣ ва саноат 250 ҳазор, дар сохтмон 140 ҳазор ҷойи нави корӣ офарида шавад. Ғайр аз ин, аз ҳисоби ҷорӣ намудани сохтори нави микромолиявӣ ба тиҷорат ҷалб намудани 2 миллион нафар пешбинӣ шудааст, гуфта шуд дар ахбор, ки дар асоси Барномаи ташкили ҷойҳои кори нав ва кумак ба шуғл дар соли 2024 таҳия ёфтааст.

Роҳбари давлати мо барномаро маъқул шумурд ва аз рӯйи ба амал баровардани он тавсияву супоришҳои иловагӣ дод.

### СОХТОРИ НАВ ДАР ҒУНСОЗИИ ПАРТОВ

***Мувофиқи фармони сарвари мамлакатамон сохтори нави ғунсозии партовҳои сахт ҷорӣ хоҳад гашт.***

Давра ба давра ба амал баровардани лоиҳа ба нақша даровардa шудааст. Чунончи, сохтор дар солҳои 2024-2026 дар майдончаҳои партовғундори назди хонаҳои бисёрошёнаи шаҳрҳои Тошканд, Ангрен, Андиҷон, Бухоро ва Тирмиз батадриҷ ҷорӣ шуда, минбаъд барои ғун кардани партови маишӣ ба аҳолӣ пакетҳои махсус дода мешавад. Барои коркарди партов аҳолӣ ҳаққи хидмат хоҳад гирифт. Ҷамъоварии партов дар ҳудудҳо дар вазъи ҷудосозӣ ба тоифаҳои «ба коркард лоиқ», «ба коркард нолоиқ» ва «озуқаворӣ» ба амал бароварда мешавад.

Барои бо пакетҳо таъмин сохтани майдончаҳои партовғундор аз Бунёди экология давра ба давра маблағ ҷудо хоҳад гашт.

### ҲАМКОРӢ ВУСЪАТ МЕЁБАД

***Дар Тошканд вохӯрии вазири сармоя, саноат ва савдои Ўзбекистон Лазиз Қудратов ва вазири савдо ва интегратсияи Қазоқистон Арман Шаккалиев ба амал омад.***

Таъкид ёфт, дар 6 соли охир ҳаҷми мубодилаи амвол байни ду мамлакат наздик 2,6 баробар афзудааст, яъне он соли 2016 ҳамагӣ 1,9 миллиард доллар бошад, дар соли 2023 ба 4,6 миллиард доллар дакка хӯрд. Ҷонибҳо изҳор доштанд дар солҳои наздик ин ҳаҷм ба 10 миллиард доллар хоҳад расид. Оиди бартарафсозии монеҳо дар савдои тиҷоратии тарафайн гурӯҳи кории муштарак таъсис ёфт.

**М. ШОДИЕВ,**
**мухбири «Овози тоҷик».**

# «ДӮСТ ОН БОШАД, КИ ГИРАД ДАСТИ ДӮСТ...»

***Бинобар ташаббус ва тавсияи сарвари давлат дар мамлакатамон муҳити ҳамҷиҳатӣ, меҳру оқибат, кушодадилию хайру эҳсон торафт мустаҳкамтар мегардад. Ҳоло, ки аҳли мамлакат баҳри бартараф намудани душвориҳо ба аҳолии ноҳияҳои назди баҳри Арал дасти ёрӣ дароз кардаанд, инро қавитар эҳсос намудан мумкин аст. Аз ҷумла баҳри дастгирӣ, рушди иҷтимоию иқтисодӣ, ободгардонӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии ноҳияи Хӯҷайлии Қароқалпоқистон аз ҷониби ҳокимияти вилояти Бухоро корҳои назаррас ба анҷом мерасанд.***



Пешбинӣ шудааст, ки солҳои 2022-2024 дар ин ҷо ба андозаи 549 миллиард сӯм лоиҳаҳо рӯйи об бароварда шаванд. Дар ноҳия фарохтар намудани шабакаҳои истеҳсолоти саноатӣ ва хидматрасонӣ, аз худ кардани заминҳои нав ва барпо кардани боғу чорбоғ, таъмири роҳҳо ва ба тартиб даровардани низоми обёрӣ, истеҳсол намудани зироати кишоварзӣ бо усули гидропоника, инкишоф додани инфрасохтори ҳудуд аз ҷумлаи ин лоиҳаҳо ба шумор меравад. Мақсади асосӣ мувофиқи таҷрибаи дастрасгардида рушд додани ҳудуд, беҳтар намудани сатҳи зиндагии аҳолӣ мебошад.

Гуфтан ҷоиз аст, ки ноҳияи Хӯҷайлӣ, овулҳои деҳоти Саройкӯл, Сомонкӯл, Найманкӯл, Кӯлоб, Амударё, Бегҷан, Кенагас, Сариганкӯл, Ҷонаҷон ва 18 маҳалларо ба бар гирифта, бештар аз 127 ҳазор нафар аҳолӣ дорад. Дар ин ҷо 3-то беморхона, 5-то поликлиника, 9-то бунгоҳи тиббӣ хидмат мерасонад. Мутахассисони соҳаҳои гуногуни тиббии вилояти Бухоро ин ҷо ташриф оварда, аҳолиро аз муоинаи тиббӣ мегузаронанд.

Роҳсозони бухороӣ бошанд, якҷоя бо ҳамкасбони худ дар хӯҷайлӣ дар ҷараёни асфалтпӯш ва шағалфарш кардани роҳҳои ноҳия иштирок доранд. Ин корҳо дар кӯчаҳои овулҳои Ҷайҳун, Сомонкӯл, Ангор ва ғайра сурат гирифт.

Дар арафаи Соли нав мутасаддиёни бухороӣ бо сардории ҷонишини ҳокими вилоят Ҷ. Аршев ба ин ҷо омада, бо дигаргуниҳо шинос шуданд ва бинобар қарори Девони Вазирон аз 2 феврали соли 2023 «Дар бораи чораю тадбирҳои барпо намудани шароити муносиби зист барои аҳолии Қароқалпоқистон ва боз ҳам беҳтар намудани инфрасохтори маҳаллаҳо» дар бораи корҳои аз тарафи ҳокимияти вилояти Бухоро басомонрасида ва вазифаҳои навбатӣ дар сессияи шӯрои намояндагони халқи ноҳияи Хӯҷайлӣ ҳисобот доданд. Инчунин амалӣ сохтани лоиҳаҳои дар Соли нав пешбинишуда ба андозаи 15 миллиард сӯм муҳокима гардиданд. Мувофиқи ин лоиҳа дар ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаи «Парвоз» ба муассисаи таълими томактабӣ (дорои 150 ҷой) табдил додани бинои бекорхобида, таъмири варзишгоҳҳои марказӣ ва дар 3,5 километр бунёд кардани пайраҳаи саломатӣ ва пиёдагард ба нақша гирифта шудааст.

Ҳамин тариқ, бобати дастгирии иҷтимоии аҳолии ин ҷо низ корҳои ҷолиби диққат амалӣ мегарданд. Моҳҳои гузашта ба 143-то оилаи ниёзманди дастгирии моддӣ ба андозаи 1,6 миллиард сӯм кумаки иҷтимоӣ расонда шуда, онҳо соҳиби машғулият гардиданд.

Аз ҷумла, ба 100 оила гармхона (арзиши ҳар яки он 1,3 миллиард сӯм) сохта шуд. Ба ҳар кадоми 20 хонадон 100 сарӣ мурғ (қиматаш 120 миллион сӯм) дода шуд. Ба шаҳрвандони бекори маҳалла 23-то инкубатор (500 сар чӯҷа мебарорад) нархаш 161 миллион сӯм, инчунин ба 74-то оила ба андозаи 120 миллион сӯм кумаки моддӣ, ба 54 нафар мошини дарздӯзӣ инъом гардид. Аз ҷониби ҳокимияти вилоят ба 14-то маҳалла 20-то контейнери расондани хидмати маишӣ ва савдо дастрас шуд.

Баҳри ҳифзи саломатии аҳолии ҳудуд духтурони пуртаҷрибаи садорати ҳифзи тандурустии вилоят ва устодону профессорони Донишкадаи давлатии тиббии Бухоро низ хидматҳои арзанда мекунанд.

Бо мақсади мустаҳкам намудани пойгоҳи моддию техникии шуъбаи таваллуди иттиҳодияи тиббии ноҳия 8 намуд асбобу анҷомҳои тиббӣ ба андозаи 629 миллион сӯм гирифта дода шуд. Зиёда аз 10 ҳазор нафар шаҳрвандон аз назорати тиббӣ гузаронда шуданд.

Бобати тоза кардани заҳкашу рӯдҳо ва бетонфарш намудани ҷӯйҳо низ корҳои назаррас ба анҷом мерасанд.

Дар арафаи Соли нав ба толибилмони як қатор таълимгоҳҳои ноҳия тухфаҳои идона супорида шуда, барои аҳолӣ ярмаркаҳои савдои маҳсулоти хоҷагии қишлоқ ва ғайра бо нархи арзон созмон ёфт.

Дар арафаи Соли нав мардуми минтақаи назди Арал аз саховат, хайру эҳсони бухороиён хеле рӯҳбаланд гардиданд. Никоҳи 8 ҷуфт ҷавонон ва тӯи суннатии 10 нафар кӯдакони оилаҳои мӯҳтоҷи дастгирӣ баргузор гардид.

Арӯсу домодҳо, кӯдакони хатнасуршаванда зери садои карнаю сурнай мувофиқи анъанаҳои миллиамон пешвоз гирифта шуданд.

Дар тадбир волидони соҳибтӯйҳо, наздикон, фаъолони маҳаллаҳо, собиқадорони меҳнат, намояндагони ҷамоатҳо ва ҷавонон иштирок карданд. Басуханбаромадагон тахти раҳнамоии сарвари давлат дар мамлакатамон ҳифз карда шудани манфиатҳои инсон, дастгирӣ ёфтани оилаҳои эҳтиёҷмандро алоҳида таъкид намуда, ба сабабгорони давра дархостҳои нек орзу карданд. Ба домоду арӯсҳо, кӯдакони соҳибтӯй тухфаҳои муносиб супорида шуданд. Барномаи консертӣ ба ҳозирон завқ бахшид.

Кумаки беғаразонаи бухороиён ба бародарони қароқалпоқ идома дорад.

**Амрулло АВЕЗОВ,**
**мухбири «Овози тоҷик» дар вилояти Бухоро.**

**БА ПЕШВОЗИ 100-СОЛАГИИ «ОВОЗИ ТОҶИК»**

***Ман бо «Овози тоҷик» аз соли 1957 то ҳол ошноӣ дорам ва онро дӯст медорам. Мунтазам мехонам. Аз муаллифони доимӣ ва тарғибгари он ҳастам. Бо бисёр адибону рӯзноманигорон тавассути ҳамин рӯзнома ошноӣ пайдо карда, дӯст шудаам. Нусхаҳои нодири рӯзнома дар бойгонии ман маҳфузанд. Аз соли 1958 то имрӯз бештар аз 500 номгӯй хабар, мақола, гузориш, мусоҳиба, тақриз, китобнома, саҳифаҳои махсус, осори бадеӣ ва тарҷумаҳоям дар саҳифаҳои он нашр шудаанд. Дар бораи фаъолияти корӣ, ҷамъиятӣ ва эҷодии банда дар рӯзномаи мазкур зиёда аз 150 хабар, лавҳа, гузориш, тақриз ба китобҳоям ва фотосуратҳо нашр шудаанд.***

***Ба нашри нахустин шумораи рӯзномаи маҳбуби мо моҳи августи соли равон расо 100 сол пур мешавад. Ба ҳамин муносибат хостам, ёддоштҳоямро вобаста ба он барои хонандагони «Овози тоҷик» ҳикоя намоям.***

# 65 СОЛ БОЗ МЕХОНАМУ МЕНАВИСАМ

### ОШНО

Ҳанӯз замоне, ки дар синфи панҷуми мактаби миёнаи рақами 21-уми ноҳияи Самарқанд таҳсил мекардам, барои газетаҳои деворӣи мактаб шеъру мақолачаҳои хурд менавиштам. Баъд бо ҳидояти омӯзгорони забон ва адабиёт Босит Ҳамроев ва Ҳалим Одилов ба навиштани хабарҳо аз ҳаёти мактаб барои рӯзномаи «Пионери Тоҷикистон» ҷуръат намудам.

Ногуфта намонад, ки ҳамон солҳо ва ҳатто то соли 1991, яъне то пош хӯрдани Иттиҳоди Шӯравӣ рӯзнома, маҷалла ва китобҳое, ки дар Тоҷикистон нашр мегардиданд, дар Ӯзбекистон низ васеъ паҳн шуда, муштариёни зиёде ҳам доштанд. Аз ҷумла, ба мактаби мо ҳам чандин номгӯй рӯзнома ва маҷаллаҳои Тоҷикистон меомаданд. Муштариёни «Пионери Тоҷикистон» ҳам бисёр буданд. Аз ин рӯ, нашри ҳамон хабарчаҳои ман байни хонандагон ва муаллимони мактаб ба зудӣ овоза мешуд. Барои мақолаи «Китобро ҳама хонд», ки баъди қироати қиссаи Сотим Улуғзода «Субҳи ҷавонии мо» навишта будам, ба ман аз идораи рӯзнома ҳамчун тӯҳфа як даста китобҳои бадеӣ фиристода буданд.

Иртиботи ман бо рӯзномаи «Ӯзбекистони сурх» («Овози тоҷик») танҳо вақте дар синфи даҳум таҳсил мекардам, яъне аз соли 1957 оғоз ёфт.

Тобистони соли 1957 мактаби миёнаро хатм кардам. Бинобар он ки бародарам дар сафи армия хидмат мекарду дар оила ғайр аз ман ба падару модар парасторе набуд, ба мактаби олӣ нарафта, дар хоҷагии ҷамоавӣ (онро «колхоз» мегуфтанд) ҳисобчии бригада ва хаткашон шуда кор кардам. Аз сабаби он ки муштариён ба рӯзномаю маҷаллаҳо хеле бисёр буд ва барилова аз ҳар куҷо мактубу барқия (телеграмма)-ҳои бисёре меомад, баъд тамоман бо хаткашонӣ банд шудам.

Шуъбаи алоқаи мо ба унвони шӯрои қишлоқ – Даштакиболо номида шуда, ба 12 деҳаи хоҷагии ҷамоавии «Ленин байроғи» хидмат мерасонд. Ҳар рӯз аз почтаи марказии шаҳри Самарқанд танҳо ба мо се-чаҳор халта рӯзномаю маҷалла ва қариб як халта мактубу барқия, баргаҳои пули нафақахӯрон, ҳаққи қаламӣ хабарнигорон, пули алимент ва ғайра меомад. Мудири алоқа иштирокчии Ҷанги Бузурги Ватанӣ Аҳмадов ном як марди солхӯрда буд. Ғайр аз ман боз як иштирокчии ҶБВ хаткашони куҳансол Тошпӯлодамак Юнусов кор мекард. Номедонам барои чӣ ӯро Офаринамак ном мебурданд. Ҳатто баъзеҳо номи аслии он касро намедонистанд. Мо музофоти хидматрасониро ба ду тақсим карда будем. Тахминан аввалҳои моҳи октябр буд. Ман бо сумкаҳои пур дар ду шохи велосипед ва боғоҷмонак ба деҳаи Мӯлиён расида, газетаю журналҳои даҳлдорро ба чойхона доданӣ будам, ки як марди тануманди болоқад, ки дар тан шинели ҳарбӣ, лекин бе погон дошт, ба ман наздик шуда:

– Писар, ту хаткашон меномоӣ? «Ӯзбекистони сурх» дорӣ? – гуфта пурсид. Он вақт «Ӯзбекистони сурх» дар як варақ (ду саҳифаи ҳаҷми ҳозира) ҳафтае 5 маротиба нашр мешуд.

– Ҳа ҳаст, ҳозир аз почта овардам, – гуфтам баъди салому алейк.

– Канӣ, бинем дар ин шумора чӣ бошад?

Ман аз сумка нусхаеро аз ин газета гирифта додам.

Ӯ ному насаби маро пурсид.

– Қамаров Аслиддин, – гуфтам ман.

Вай бо завқ:

– Ман Қамариддин Шамсиев. Мо бо ту падару писар будаем-ку, – гӯён дубора завқ кард. Ман дар ҳамин «Ӯзбекистони сурх» кор мекунам. Аслан аз Самарқандам. Дар маҳаллаи Мӯлиён ҷиянҳоям ҳастанд. Ҳоло ба назди онҳо омадам...

Ман аз ин мулоқот бағоят хурсанд шудам. Охир корманди як рӯзномаи ҷумҳуриявӣ бо мани хаткашон ин қадар самимона мулоқот кард!

Бегоҳӣ ба падарам дар ин бора нақл кардам, падарам гуфтанд, ки он касро мешиносанд, иштирокчии ҷанг аст.

Ҳамин шуду ба ин газета муҳаббати ман бештар шуд. Акнун ба он тез-тез хабарҳо навишта меистодам. Баъзан бо имзои он Қ. Шамсиев, инчунин М. Васфӣ, Р. Норов номаҳо мегирифтам.

### МАЪРАКАИ ОБУНА

Дар замони шӯравӣ обуна ба рӯзномаю журналҳо аз масъалаҳои муҳими сиёсати ҳизби коммунистӣ ба шумор мерафт. Гарчи он вақт қариб сари ҳар қадам дукон (киоск)-ҳои газетафурӯшӣ вуҷуд дошту даста-даста газетаю журналҳо ба фурӯш меомаданд, хурду калон – мактабхону донишҷӯй, омӯзгору коргар, хидматчию низомӣ – аксар ба чандин рӯзномаю журнал обуна мешуданд.

Ин масъала ҳанӯз аз солҳои аввали қаробатам ба рӯзномаи «Ӯзбекистони сурх» дар маркази диққат қарор дошт. Дар ин хусус навиштаи ман бо номи «Ба газетаю журналҳо обуна мешаванд» ҳанӯз 1 декабри соли 1958 дар «Ӯзбекистони сурх» нашр шудааст.

Мо ҳамчун тарғибгари рӯзномаи худамон ба корхонаҳо, мактабу муассисаҳо, хоҷагиҳои ҷамоавӣ рафта, бобати обуна корҳои тарғиботӣ мегузаронидем. Доир ба фаъолияти он корхона ё муассиса, мактабҳои олӣ ва ғайра саҳифа, лавҳаю очеркҳо тахия карда мефиристодем. Дар ин ҷода мо бо Салим Кенҷа ва Рауф Маъруфӣ ҳамкорӣ мекардем. Баъзан мудирони қабулхонаи ҷамъиятии газета Мӯъмин Фаттоев ва сонитар Ҳоҷиқурбон Ҳамидзода ба мо ҳамроҳӣ мекарданд.

Ташкил кардани маъракаҳои махсуси обуна низ ба зиммаи мо буд. Баъзан ба мо аз кормандони идора Қамариддин Шамсиев, Саъдулло Солеев, сонитар Ҷонибек Қувноқов, Маъруф Отахонзода, Муайяна Хоҷаева, хабарнигори вилоятӣ Акбар Усмонов ва дигар масъулон ҳамроҳ мешуданд. Дар ҷойҳо ҷамъомадҳои газетхононро ташкил мекардем. Теъдоди обуна аз ҳисоби донишҷӯёну муаллимон ва коргарон меафзуд. Баъзе солҳо теъдоди обуначиёни «Ҳақиқати Ӯзбекистон» дар Самарқанд аз 6-7 ҳазор нафар мегузашт.

Он солҳо Султоналӣ Исмоилзода ном марди фидоӣ мухбири махсуси рӯзнома дар водии Фарғона буд. Вай натанҳо хабарнигору тарғиботчии рӯзнома, балки ғамхори тоҷикони ин минтақаи Ӯзбекистон буд. Баъди мақолаҳои мо доир ба шуъбаи тоҷикии факултети филологияи Донишгоҳи давлатии Самарқанд, ки дар рӯзнома аввали солҳои 60-ум чоп шуда буд, нахустин бор аз ноҳияи Сӯхи вилояти Фарғона ду нафар – Гадойбой Назарқулов ва Маҳмадалӣ Қамбаров ба шуъбаи рӯзонаи факултет дохил шуданд. Баъд натанҳо аз Сӯх, балки аз ноҳияҳои Риштон, Косонсой, Чуст, ки он замон дар ин ноҳияҳо мактабҳои тоҷикӣ бисёр буданд, ба донишгоҳ ҷавонон ва ҳатто як-ду нафар духтарон ҳам омаданд. Бо мақсади шинос шудан бо рафти таҳсили онҳо ва умуман фаъолияти Донишгоҳи Самарқанд Султоналӣ Исмоилзода ҳам ба Самарқанд омад. Баъди вохӯрӣ бо омӯзгорону донишҷӯён вай таклиф ба миён гузошт, ки аз хатмкардагони донишгоҳи мо як-ду нафар ба Фарғона раванд. Дар вилоят деҳаҳое ҳастанд, ки аҳолиашон ҳама тоҷик, вале мактабҳои тоҷикӣ надоранд, зеро муаллим нест.

Худи ҳамон сол аз хатмкардагони факултети мо Ҳасан Қудратуллоев, ки ҷавони ҳушёр ва эҷодкор ҳам буду ба газета хабару мақолаҳо навишта меистод, бо даъвати Султоналӣ Исмоилзода ба Фарғона рафт. Дар он ҷо яку якбора ташкил кардани мактабҳои тоҷикӣ ғайриимкон буд. Бо дархости мардум ва дастгирии роҳбарони Вазорати таълими халқи Ӯзбекистон ба хонандагони мактаби деҳаи Кафтархонаи ноҳияи Фарғона ба ҷойи забони хориҷӣ забони форсӣ ҳамчун забони хориҷӣ омӯзонида шуд. Соли дигар мо – чаҳор нафар устодони донишгоҳ, дотсент Талъат Абдуҷабборов, омӯзгорон Самариддин Аслиддинов, Восеъ Қосимов ва ман мувофиқи дастури таълимӣ барои ҷамъоварии маводи эҷодиёти даҳанакии халқ ва омӯхтани лаҳҷаи мардумӣ (фолклор ва диалектология) бо як гурӯҳ донишҷӯён ба хоҷагии ҷамоавии Сӯх рафтем.

Мо бояд як моҳ дар ин ҷой меистодем. Султоналӣ Исмоилзода аз меҳмони диёри ӯ шуданамон хабар ёфта, баъди ягон ҳафта ба Сӯх омад. Ӯ якду рӯз дар ин ҷой бо мо монд, баъд ману Талъат Абдуҷабборовро ҳамроҳ гирифта ба чанд деҳаи тоҷикнишини вилоятҳои Фарғона, Намангон ва Андиҷон бурд. Мо дар Арсиф, Мӯён, Лоғон, Водил, Қувасойи Фарғона, Шукурмергани Андиҷон, Косонсой, Чуст, Ғавои Намангон барин ноҳия ва деҳаҳои водии Фарғона шуда, дар чанде аз ин деҳаҳо бо вуҷуди сад дар сад тоҷик будани аҳолӣ набудани мактабҳои тоҷикиро донистем. Дар давоми ин сафари худ, ҳатто дар Учқӯрғон ном ноҳияи вилояти Ӯши Қирғизистон, ки дар ҳамсоягии ноҳияи Қувасой мебошад, зиндагӣ доштани тоҷикон ва дар он ҷо аз амал кардани чанд мактаби тоҷикӣ хабардор шудем. (Яке аз ҷонфидоёни фарҳангу маърифати тоҷик, донишманд, адиб ва журналисти номӣ Муҳсин Умарзода, ки дар «Овози тоҷик» чандин сол ҷонишини сармуҳаррир буд, аз тоҷикони Учқӯрғони Қирғизистон маҳсуб меёфт).

Дар бораи таассуроти сафар, вохӯриҳо бо мардум дар саҳифаҳои газета хабару лавҳаҳо чоп мешуданд. Баъди ин дар деҳоти мазкур якчанд мактаби тоҷикӣ кушода, ҳатто баъзе аз хатмкардагони ин мактабҳо дар донишгоҳи мо, инчунин мактабҳои олии Хуҷанду Душанбе таҳсил гирифта, соҳиби маълумоти олӣ шуданд ва ба деҳаи худ баргашта, омӯзгорӣ карданд. Лекин... сонитар, махсусан баъди вафоти нобаҳангоми Султоналӣ Исмоилзода ба худшиносии мардум дарз рафт ва таълим ба забони тоҷикӣ дар он мактабҳо низ пасу пеш барҳам хӯрд. Теъдоди рӯзномахонон низ сол аз сол кам шуда, ниҳоят ба дараҷаи нестӣ расид.

(Давомаш дар саҳ.4).

## РАССОМ ВА ТАБИАТ

Дар намоишгоҳи марказии Академияи бадеии Ӯзбекистон намоиши бадеии анъанавии «Рассом ва табиат» оғоз гардид.

Дар он зиёда аз 120 асари 64 нафар рассомони узви Шӯрои эҷодкорони бадеӣ намоиш дода мешавад, ки аз тасвири табиати рангоранги мамлакат, фаслҳои сол, ҳаёти инсонҳои меҳнаткаш, боғу кӯҳсор ва ғайра иборатанд. Эҷодкорон аксарият ҷавонон мебошанд. Дар экспозитсия «Мамнӯъгоҳи Зомин», «Дар сари танӯр», «Шоми Наврӯз», «Симфонияи зимистон», «Барф дар ҷангалзор», «Тошканди нав», «Дар соҳили дарё», «Манзараҳои нотакрори Чорбоғ» барин рангтасвирҳои рассомон ҷой доранд.

Намоиш то 15 январ идома хоҳад ёфт.

**Ҳ. АБДУНАЗАРОВ.**



## СУХАНОНИ ҲИКМАТОМЕЗИ БУЗУРГОН

Кӣ будани туро ду чиз: сабру таҳаммул дар вақти муфлисӣ ва рафтору кирдорат, дар вақте ки ҳама чиз дорӣ, ошкор месозад.

**Зиг ЗИГЛАР.**

Барои пули зиёд доштан шарт нест, ки ақлу хиради зиёд дошта бошӣ, надоштани виҷдон кифоя аст.

**Шарл ТАЛЕЙРАН.**

Бахт он аст, ки шуморо бо тамоми ҳусну қабҳ ва нуқсону бартариҳоятон дӯст доранд.

**Виктор ГЮГО.**

Агар бо одамон мерос тақсим накарда бошед, ҳаргиз тасмим нагиред, ки инсоншинос ҳастед.

**Иоган ЛАФАТЕР.**

Нафрат ба дигарон мушкилеро бартараф намесозад, балки бар он меафзояд.

**Френн САНАТРА.**

Ҳама гуна рӯҳафтодагиро бояд бо табассум пешвоз гирифт. Агар ин корро кунед, афсурдаҳолӣ меандешад, ки шумо аҳмақед ва рӯ ба фарор мениҳад.

**Роберт де НИРО.**

Хоинон дар ҳама ҷо хиёнатро мебинанд.

**Серҷ ГОЛОН.**

Танаффус (нафас кашидан) маънои зиндагӣ карданро надорад.

**Эленор ПОРТЕР.**

Одами хубро шинохтан осон: ӯ дар дил ғам дошта бошад ҳам, дар лаб табассум дорад.

**Гилберт ЧЕСТЕРТОН.**

Барои пирӯз гардидани бадӣ бар некӣ танҳо як чиз лозим аст: бояд одамони хубу хайрхоҳ тамошобин бошанд.

**Эдлунд БЕРК.**

Тандурустӣ болотар аз ҳамаи неъматҳост. Ба он андоза, ки гадои солим хушбахттар аз подшоҳи бемор аст.

**Артур ШОПЕНГАУЭР**

Як қатра дурӯғ укёнуси боввариро олуда месозад.

**А. П. ЧЕХОВ.**

**Тарҷума ва таҳияи А. СУБҲОН.**

***Маълум, ки таъминоти аҳолӣ бо оби нӯшокӣ масоили долузарб маҳсуб ёфта, ҳамеша дар эътибори ҳукумат қарор дорад. Аз ин рӯ, муаммоҳои мавҷудбуда сол аз сол бартараф мегарданд ва мушкилоти мардум ҳаллу фасл мешавад.***

## ТАЪМИНОТИ ОБИ НӮШОКӢ БЕҲ МЕГАРДАД

16-17 ноябр ҳангоми ташрифи Президент ба вилояти Сурхондарё маросими кушодашавии зинаи аввали лоиҳаи бузургҳаҷме, ки қариб сартосари вилоятро бо оби нӯшокӣ таъмин месозад, ба истифода дода шуда буд. Барои амалӣ намудани ин лоиҳа аз оби обанбори Тӯпаланг истифода бурда мешавад. Баъди ба кор даромадани қисми аввали иншоот зиёда аз 1 миллион аҳолии 4 ноҳия бо оби нӯшокии тоза ва босифат таъмин гардиданд.

Барои давом додани лоиҳа аз тарафи Президент боз 132 миллиард сӯм маблағ ҷудо карда шуд. Мувофиқи дастур то охири соли ҷорӣ бояд қисми асосии лоиҳа бояд амалӣ гардад ва то шаҳри Тирмиз ин оби нӯшокӣ оварда шавад.

Ба ғайр аз ин, дар соли сипаришуда боз 174-то иншооти обии хурду миёна дар вилоят сохта шуд ва 995 км қубурҳои ҳаҷмашон гуногун васлу пайванд гардида, 1600 хонадон, ё худ 8500 нафар аҳолии 110 маҳалла, ки таъминоти оби нӯшокиашон нисбатан вазнин буд, бо оби ошомиданӣ таъмин гардиданд.

Дар маҷмӯъ дар 32 маҳаллаи вилоят 58 ҳазор аҳолӣ соли 2023 бори аввал бо оби нӯшокӣ таъмин гардиданд ва 390 ҳазор нафар аҳолии 272 маҳалла таъминоти оби нӯшокӣ беҳ гардид. Ин нишондодҳо ба собит мерасонад, ки то охири соли ҷорӣ муаммои обӣ нӯшокӣ дар вилоят пурра ҳалли худро меёбад.

**Олим ПАНҶИЗОДА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Сурхондарё.**

# З.РӮЗГОРИ ШАКУРӢ ТАҲҚИҚОТИ БЕШТАР МЕХОҲАД

Дар бораи маърифатпарвари маъруфи самарқандӣ Абдуқодири Шакурӣ тайи даҳсолаҳои охир дар матбуоти Ӯзбекистону Тоҷикистон ягон мақолаи олим ё муҳаққиқе чоп нашудаанд. Ҳол он ки мо соҳиби бисёр доктор ва номзадҳои фанни педагогика ё олимони таърихшинос ҳастем. Ногуфта намонад, ки муаллими собиқ Донишкадаи давлатии омӯзгории Самарқанд Муъмин Фаттоев охири солҳои 60-уми асри гузашта дар мавзӯи «Ақидаҳои педагогии Шакурӣ» рисолаи номзадии худро ҳимоя карда буду бас. Бинобар ин, мо лозим донистем, дар бораи ҳаёт ва фаъолияти Шакурӣ матолибе таҳия кунем.

Охири асри XIX дар Туркистон, аз ҷумла дар Самарқанд, чандин шоиру маорифпарварон зиндагӣ ва эҷод карда, барои саводнок намудани фарзандони халқ нақши босазое гузоштаанд. Аз ҷумла Саидаҳмад Васлӣ, Сиддиқии Аҷзӣ, Маҳмудхоҷа Беҳбудӣ, Абдулло Авлонӣ, Садриддин Айнӣ, Шукруллозода, Саидризо Ализода, Исҳоқхон Ибрат, Ҳамза Ҳакимзода Ниёзӣ, Исматулло Раҳматуллозода, Абдуқодир Шакурӣ, Мирзомуҳаммади Самадзода, Нисор Муҳаммади афғон, Лутфулло Бузургзода, Абдуаҳади Мақсудӣ ва даҳҳо дигарон баҳри ривоҷу равнақи мактабу маориф заҳматҳои зиёде кашиданд. Баъдтар, солҳои сиюм, Ҳилол Каримов ва дигарон аз пайи тараққиёти мактабу маориф шуданд. Абдуқодир Шакурӣ дар байни онҳо мавқеи махсус дорад.

Абдуқодир Шакурӣ соли 1875 дар деҳаи хушманзараи Раҷабамини ноҳияи Самарқанд дар оилаи боғбони миёнаҳол таваллуд шуд. Падараш, ки хату савод дошт, ӯро ба мактаби кӯҳнаи назди масҷиди деҳа дод. Лекин усули мактаб Абдуқодири ҷавонро қонеъ накард. Аз ин рӯ, падар барои хату савод баровардани ӯ саъй намуд. Абдуқодир дар муддати кӯтоҳ ғазалиёти Ҳофиз ва «Гулистон»-и Саъдиро пурра аз бар кард. Дар 12-солагӣ барои давом додани таҳсил ба мадрасаи Орифҷонбойи Самарқанд дохил шуд. Ӯ зеҳни хуб ва қувваи ҳофизаи худодод дошт. Бинобар ин мударриси мадраса Тӯрахӯҷа ба ин шогирди ҷавони худ эътибори алоҳида медод. Ин аст, ки бо меҳрубониҳои Тӯрахӯҷа тӯли 5-6 сол илмҳои ҳуқуқ, грамматика, забони арабӣ ва мантиқро аз бар кард.

Шакурӣ дар шаҳр дӯстони зиёд дошт. Яке аз онҳо Баҳриддини соатсоз буд, ки баробари шуғли худ, рӯзномаи «Тарҷумон»-ро пайваста мутолиа мекард ва аз воқеаҳои олам хабардор мешуд. Абдуқодир рӯзе дар дӯкони Баҳриддин як нусхаи рӯзномаро дида, аз дӯсташ илтимос кард, ки шумораҳои онро барои хондан диҳад. Маърифатпарвари ҷавон ба воситаи ин рӯзнома аз навигариҳои олам бохабар ва аз пайи навовариҳо шуд. Аз тарафи дигар диққати Абдуқодирро маданияти русҳо ба худ ҷалб сохт. Хусусан, ба мактабу гимназияҳои русии Самарқанд бо ҳавас менигарист. Хонандагони онҳо дар синфхонаҳои калону равшани мизу курсидор дониш меомӯхтанд. Дар дили Абдуқодири ҷавон ҳаваси ташкил кардани мактаби усули нав пайдо шуд. Ӯ аз дӯсти наздикаш, шоир Сиддиқии Аҷзӣ шунида буд, ки дар Қӯқанд аз ҷониби Абдуаҳади Мақсудӣ ном муаллим мактаби ҷадид ташкил шудааст. Вай муддати 10 рӯз ба шаҳри Қӯқанди Фарғона рафт ва бо фаъолияти он мактаб шинос шуд. Баъди бозгашт ҳавлии муфтии шаҳрро, ки дар гузари Тошкандии Самарқанд ҷойгир буд, ба иҷора гирифта, мактаби усули нав кушод. Ба мактаб равшанфикрони давр Саидризо Ализода, Исматулло Раҳматуллозода, Муҳаммадалӣ Ҷаъфарзода ва дигаронро ҷалб кард. Аммо руҳониёни ҷоҳили хурофотпараст ва оммаи мутаассиб аз ин мактаб хабардор шуда, аз пайи таъқиби муаллимон шуданд. Дар мактаб баробари фанҳои дунявӣ аз «Қуръон» ва ояту сураҳои он, инчунин таҷвид (дуруст хондани Қуръон) дарсҳо дода шавад ҳам, диндорони ҷоҳил аз пайи нест кардани мактаб шуданд. Ин ҳолро нависандаи тоҷик Ҳасан Ирфон, ки худаш шогирди он мактаб буд, дар асараш «Дар кулбаи косибон» шарҳ додааст: «Хулоса, фарзандони худро ба мактаби нав, хусусан ба мактаби Қориака Шакурӣ додан, аз одамон як навъ фидокорӣ талаб мекард. Мудир ва муаллим шудан дар ин мактаб, қаҳрамоние буд, ки фақат бачагон ва муаллимони ин мактаб медонанду бас».

Бо вуҷуди тазйиқҳои пай дар пай, Шакурӣ ҷасурона барои пешрафти кори мактаб ҳаракат кард. Ӯ варақа (карточка)-ҳо сохта, ба воситаи онҳо падару модаронро барои саводомӯзӣ ва бефарқ набудан нисбати тарбияи фарзандонашон даъват мекард. Дар анкетаҳо аз ҷумла саволҳои зерин навишта, мешуданд:

*Мулло фалонӣ (номи бача) салом медиҳад ё не?*

*Ба гап гӯш мекунад ё не?*

*Намоз мехонад ё не?*

*Дарс тайёр мекунад ё не?*

*Бо хурду калон, бародарон, хоҳарон ва ҳамсоягон нағз муомила мекунад ё не?*

Падару модарон ба ин саволҳо ҷавоб навишта мефиристоданд ва агар таклифу пешниҳоде дошта бошанд, ба ҷойи саволи шашум илова мекарданд.

Маорифпарвари фидокор ин услуби тарбияро аввалин шуда дар мактаби худ ҷорӣ кард, падару модарон онро ҳамаҷониба дастгирӣ намуданд. Дар натиҷа обрӯи Шакурӣ ва мактаби ӯ рӯз то рӯз баланд мегашт.

Бояд гуфт, ки мактаб пулакӣ буд. «Барои моҳонаи муаллимон ва дигар эҳтиёҷот аз ҳар хонанда 2-3 сӯмӣ пул ҷамъоварӣ мешуд. Аммо камбағалбачаҳо бепул таҳсил мегирифтанд. Масалан, аз 130 хонанда 30 нафар бепул мехонданд».

Ба сабаби рӯз то рӯз зиёд шудани миқдори шогирдон хонаҳои мактаб тангу камӣ кард, Абдуқодир Шакурӣ маҷбур шуд, ки ҷойи таҳсилро ба гузари Чорраҳаи шаҳр — ҳавлии марди бадавлат Мамараҳимбой кӯчонад. Ин ҳавлӣ васеъ буд ва хонаву болохонаҳои калон дошт. Соҳиби он марди ҳимматбаланд буда, иҷорапулӣ намегирифт. Ин шароит Шакуриро водор намуд, ки фаъолияти мактабашро такмил диҳад. Ӯ барои баланд бардоштани саводнокии шогирдон ба асбобҳои аёнӣ диққати махсус медод. Аввал аз як дӯсташ барои омӯзондани фанҳои таърих ва ҷуғрофия «Атласи усмонӣ» овард. Баъдтар аз гимназияи самарқандии русҳо курраи Замин (глобус) харид, ки ин барои шогирдони мактаб басо шавқовар буд.

Шакурӣ ба воситаи он чӣ тавр дар атрофи меҳвари худ давр задани Замин, масоҳати Моҳу Офтобро мефаҳмонад. Аз ин рӯ завқу рағбати хонандагон ба фанҳои дунёвӣ рӯз то рӯз меафзуд. Дар мактаби мазкур барои тарбияи ҷисмонӣ соати алоҳида ҷудо карда буданд. Онро бисёртар худи Шакурӣ мегузашт. Ӯ таъкид мекард, ки тарбияи бадан барои саломатии инсон зарур буда, аҳамияти калон дорад. Бачагонро ба саҳни ҳавлӣ баровардa, аввал худаш машқҳои гуногунро нишон медод ва баъд ба бачагон мефармуд, ки онро такрор кунанд. Дарси таълими меҳнат низ бо услубҳои ба худ хос гузаронида мешуд. Абдуқодир Шакурӣ, ки касби падариро хуб медонист, ба хонандагон боғпарварӣ ва усули пайванд кардани дарахтони меваддорро бо аёният мефаҳмонд. Ё худ бо асрори касби кулолию дуредгарӣ ошно мекард.

Қобили қайд аст, ки дар мактаб фанҳои динӣ низ сабақ дода мешуданд. Ҳам бачагон ва ҳам муаллимон ба мактаб бо либоси миллӣ меомаданд. Бачаҳо ба пойи таҳорат, ҳамроҳи муаллимон дар масҷид намози пешинро адо мекарданд. Аммо рӯҳониён ҳамоно аз пайи иғво буданд, мактаби Шакуриро чашми дидан надоштанд. Ҳатто шумо кофиру кофирбачагонед, – гӯён онҳоро аз масҷид меронданд.

«Мо ҳеҷ гоҳ, — навишта буд журнали рӯҳониёни Туркистон «Ал-ислоҳ», — динро ба ҳаёти дунёвӣ намедиҳем». Аз ҷониби дигар намояндагони пешқадами русҳо, аз ҷумла губернатори ҳарбии ҳамонвақтаи Самарқанд Грачкин ва ҷосуси ҳукумати подшоҳии Русия дар давлати Бухоро Буйлин намехостанд, ки ҷавонони мо аз илмҳои дунёвӣ хабардор бошанд. Яъне мактаби Шакурӣ дар байни обу оташ монда буд.

Маорифпарвари навовар сарфи назар аз ин хавфу хатарҳо, барои ҷомаи амал пӯшидани орзуҳои худ мекӯшид. Ӯ бо маорифпарварон ва демократҳои Озарбойҷон Ҷалил Мамадқулизода ва Алиакбар Собир, ки асосгузорони маҷаллаи ҳаҷвии «Мулло Насриддин» буданд, алоқаи наздик дошт. Ин маҷалла аз даст ба даст гузашта, ба Самарқанд ҳам меомад. Шакурӣ баъзе шумораҳои онро ёфта, мутолиа мекарду ҷаҳонбиниаш васеътар мешуд. Зеро «Мулло Насриддин» бо равияи озодихоҳӣ ва мубориза худ ба муқобили панисломизм машҳур шуда буд.

Ин аст, ки Шакурӣ ақидаҳои маорифпарварии худро боҷуръатона пеш меронд. Бо ташаббускорӣ ва шуҷоату далерӣ аввал дар гузари «Шарбатдор»-и шаҳр дар бинои маъмурии алоҳида мактаби усули нав (мактаб ба номи Шакурӣ буду рақами 11 дошт)-ро ташкил ва шахсони тараққипарварро ба кори муаллимӣ даъват кард. Таълимгоҳи мазкур беш аз 100 сол фаъолияти пурсамар дошт. (Таълимгоҳ аввали солҳои 90-уми асри гузашта аз байн рафт ва ҳоло дар он боғчаи бачагона фаъолият дорад). Сипас, дар ибтидои соли 1900 дар деҳаи худ мактаби нав бунёд кард, ки таърихи аҷиб дорад.

Абдуқодир ҷавони болобаланду паҳлавонҷусса буда, дар деҳаи Раҷабамин обрӯю нуфузи хуб дошт. Хурду калон ба ӯ Қориака гӯён муроҷиат мекарданд. Аз рӯйи нақли пиронсолони деҳа, аз ҷумла шодравон Маъруфбобои 85-сола маълум шуд, ки Шакурӣ то охири умри худ ҳамчун амини деҳа кор карда, баҳри равнақи илму ҳунари ҷавонон фидокориҳо зоҳир намудааст. Бешубҳа, барои бунёди бинои мактаби нав маблағ лозим буд. Аз ин хусус ӯ бо Аҳмади пахта ва Саттори чигит ном шахсони тадбиркору сарватманд, ки ҳамдеҳааш буданд, маслиҳат кард. Устои кандакори деҳа Соҳибназарро ба ин кор ҷалб намуд. Ниҳоят чӯбу тахта муҳайё шуду дар бинои масҷиди деҳа ду-се синфхонаи замонавӣ бунёд гардид, ки фаршу шифти он бо тахтаҳои суфта оро ёфта буданд. (Баъзе тадқиқотчиён даъво доранд, ки мактаби нав дар бинои масҷид ташкил шудааст. Ин ақида ғалат буда, Шакурӣ танҳо як ҳуҷраи онро барои худ хонаи корӣ интихоб кардааст – **Ҳ.Ч.**).

Аз бунёд шудани мактаби усули нав аҳли деҳа хурсанд шуданд. Абдуқодир Шакурӣ маърифатпарварони давр Сиддиқии Аҷзӣ, Исматулло Раҳматуллозода, Саидризо Ализода, Маҳмудхоҷа Беҳбудӣ ва чанде дигаронро ба кор даъват кард. Дар ин таълимгоҳ низ баробари фанҳои дунёвӣ барои таълимоти динӣ соатҳои алоҳида ҷудо карда буданд. Асосан харитаи дунё, глобус, китобҳои «Баён-ул-ҳуруф»-и Саидаҳмад Васлӣ, «Рисолаи асбоби савод»-и Маҳмудхоҷа Беҳбудӣ ҳамчун аёният ва воситаи таълим истифода мешуданд. Баъдтар худи Шакурӣ «Ҷомеъ-ул-ҳикоёт» (1907) ва «Зубдат-ул-ашъор» (1907) барин китобҳои дарсӣ навишт.

Бузургии Абдуқодир Шакурӣ дар он буд, ки ӯ бо як далерӣ ва шуҷоатмандӣ нашриёти хусусии «Муаллим мулло Абдуқодир Шакурӣ»-ро кушода, асарҳои шоир ва маърифатпарварони ҳамасри худ «Анҷумани арвоҳ», «Миръоти ибрат»-и Сиддиқӣ, «Гулдастаи адабиёт»-и Ҳоҷӣ Муин, «Роҳбари дониш»-и Исматулло Раҳматуллозода ва дигаронро аз чоп баровард.

Аммо сад афсӯс, ки бо туҳмати риёкорон соли 1937 ин алломаи маърифат низ ба табъид дучор гардида, соли 1943 дар ҳабсхонаи Тошканд бинобар беморӣ вафот кард.

Ин ҷо ба навиштаи худ нуқта гузошта, аз пайравону қарибони Шакурии шодравон, аҳли деҳаи Раҷабамин ва муҳаққиқону олимони ҷавон, аз аҳли шаҳр хоҳиш мекунам, ки барои фаромӯш нашудани ному кори пуршарафи Абдуқодир Шакурӣ сайъ кунанд, кӯча ё мактаберо ба номаш гузоранд.

**Ҳамза ҶӮРА.**

*САМАРҚАНД.*

# 65 СОЛ БОЗ МЕХОНАМУ МЕНАВИСАМ

(Аввалаш дар саҳ.3).

Соли 1964 чилсолагии нашри шумораи нахустини рӯзнома мутантан таҷлил шуд. Минбаъд эътибори рӯзномаи мо дар байни омма хеле афзуд ва чанд муддат «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (аз соли 1965 газета бо ин ном мебаромад) ҳафтае панҷ маротиба нашр мешуд. Эътибор ба мухбирони ҷамоатӣ ҳам афзуд ва банда аз фаъолтарини онҳо будам. Аз идора ба номи ман «Гувоҳнома»-и мухбири ҷамоатӣ навишта фиристоданд. Акнун барои навиштани хабару мақолаҳо бештар супоришҳо дода меистоданд, ба тадбирҳо даъват мекарданд.

Ман ба ғайр аз кормандони собиқи рӯзнома Мардонқул Муҳаммадқулов, Мирбарот Фозилов ва Қамариддин Шамсиев, мухбирони махсуси он дар вилояти Самарқанд Юсуф Юнусзода, Эргаш Бозоров (Садоӣ), Восеъ Қосимов, ки низ пештар шинос будам, акнун бо сармуҳаррир Шавкат Ниёзӣ, ҷонишини сармуҳаррир Муҳсин Умарзода, мудирони шуъбаҳо ва ходимони масъул Раҳматҷон Норов, Саъдулло Солеҳов, М. Васфӣ, М. Бобохонов, А. Исҳоқбоев, Ҷонибек Қувноқ, Акбар Усмонов, Ҳоҷиқурбон Ҳамидов, Юсуфалӣ Мирзоев, Тоҳир Олимбоев, Михаэл Бобохонов, Муҳаммад Шодӣ, Абдулло Субҳон, Тӯхтамиш Тӯхтаев, Тоҷибой Икромов, Шерпӯлод Вакилов, Эҳсон Турдиқулов, Бекназар Тӯйназаров, Матлуба Шоалиева, Гулчаҳон Кабирова ошно шудам. Инчунин бо кормандони радио Бенямин Калонтаров ва Миша Зеркиев тавассути «Ҳақиқати Ӯзбекистон» («Овози тоҷик») шиносоӣ пайдо кардам. Минбаъд бо устодони донишгоҳ Талъат Абдуҷабборов, Раҳим Муқимов, Ботурхон Валихоҷаев, мухбирони рӯзнома дар вилояти Самарқанд Муайяна Хӯчаева, Адаш Истад, Хурсанд Ҷумъа, Аҳрорқул Ҳамроқулов, Зоҳир Ҳасанзода, хабарнигорони ҷамоатӣ ва фаъолони рӯзнома Салим Кенҷа, Рауф Маъруфов, Аҳмадҷон Саъдиев, Бекназар Аҳмадов, Болта Ортиқов, Зоҳир Акрамов, Аслам Асроров, Насим Наимов, Абдулазиз Ҳошимов, Ҳасан Қудратуллоев дар таҳияи гузоришу мақола ва саҳифаҳо ҳамкорӣ кардам.

Бо Журналисти шоистаи Ӯзбекистон Муайяна Хоҷаева, ки дар донишгоҳ шарикдарсам ва ҳамкорам дар радиои Самарқанд буду солҳо мудири шуъба ва чанд муддат мухбири махсуси рӯзномаи «Овози тоҷик» дар вилояти Самарқанд шуда кор кардааст, то ҳол хоҳару додарем.

Ба сармуҳаррири кунунии «Овози тоҷик» Шерпӯлод Вакилов, Журналисти шоистаи Ӯзбекистон Маъруф Отахонзода, рӯзноманигорон Хӯҷамурод ва Султонмурод Қӯлдошевҳо (руҳашон шод бод), Ҳисомиддин Абдувалиев, Абдусалом Самадов, Адаш Истад, Тӯхтамиш Боқиев, Зафар Сӯфӣ, Зоҳир Ҳасанзода, ки хатмкардагони Донишгоҳи давлатии Самарқанд мебошанд ва дар рӯзнома хизмат мекунанду кардаанд, ҳаққи устодӣ дорам.

Ҳар сол дар мавсими маъракаи обуна, ки ба моҳҳои сентябр-ноябр рост меояд, кормандони идора ба вилоятҳо баромада, якҷо бо хабарнигорони вилоятӣ Саъдулло Солиев, Акбар Усмонов ва мухбирони фаъол дар ҷойҳо бо газетхонон вохӯриҳо ташкил мекарданд. Вохӯриҳо дар мактабҳои олию миёна, корхонаю муассисаҳо, маҳаллаҳо ва хоҷагиҳои ҷамоатии шаҳру ноҳияҳои вилояти Самарқанд хеле серодам мегузаштанд. Муштариён дар бораи ҳусну қубҳи маводи рӯзнома изҳори ақида мекарданд.

Дар чунин вохӯриҳо баъзан масъалаҳои забон ва услуб, нигориши матолиб низ баррасӣ мешуданд.

Дарвоқеъ, мувофиқи талаботи ҳамон давру замон дар рӯзнома чоп шудани хабар ва ё мақолаҳои танқидӣ, аз ҷумла фелетон ва луқма, ки дар онҳо нуқсонҳои ҷамъият ва ё кирдукори шахсони ҷудогона танқид ва ё ҳаҷв карда мешуданд, боиси афзудани шумораи муштариёни рӯзнома мегардиданд.

Ёд дорам, бо супориши идора мо як гурӯҳ мухбирони ҷамоатии рӯзнома дар ҳайати Салим Кенҷа, Бекназар Аҳмадов, Рауф Маъруфӣ ва муаллифи ин сатрҳо доир ба ҳолати ҳаракати нақлиёти мусофиркашонӣ дар Самарқанд як рейди хоса ташкил карда, дар асоси маводи он таҳти унвони «Автобусҳо вайрон, роҳбарон ҳайрон» мақолаи калони танқидиро таҳия кардем, ки дар рӯзнома нашр шуд. Баъди нашри он мутасаддиёни мусофиркашонӣ, роҳбарони автобазаҳо низ «Ҳақиқати Ӯзбекистон»-ро шинохтанд ва кормандони худро ба он обуна мекардагӣ ҳам шуданд.

Дар боло ишора шуд, ки журналисти варзида Қамариддин Шамсиев маро бо Ҷонибек шиносонида, ба дӯстию бародарии мо асос гузошта буд. Минбаъд ман ҳар боре ба Тошканд равам, албатта ба идораи «Овози тоҷик» ва пеш аз ҳама, ба утоқи Ҷонибек медаромадам. Ҷонибек ҳам ба Самарқанд ояд, албатта бо ман вохӯрда, мулоқот мекард ва мо бо маслиҳати дӯстон Муқимҷон Орифии Гулханӣ ва Латиф Раҳимов, ки дар идораи кумитаи ҳизбии шаҳри Самарқанд кор мекард, ба ташкили обуна ва гузаронидани тадбирҳо ба ин муносибат ҳамроҳӣ мекардем.

Бо гардиши айём баъди чанд сол ман хоҳарзодаи Қамариддин Шамсиев будани Шавкатҷонро, ки чандин сол раиси маҳаллаи Мӯлиёни қадим буду дар ташкили обуна ба «Овози тоҷик» саҳм мегузошт, донистам.

Ҳангоми дар сафари Амрико будан санъаткори самарқандӣ, хонандаи сурудҳои мақом Мардон Худойбердиев, ки аз деҳаи Тошлоқи деҳкадаи Боғи Майдони Самарқанд аст, иброз дошт, ки Қамариддин Шамсиев амаки ӯсту вай бо тарбияи маънавии амакаш донишгоҳи санъатро хатм кардааст.

Дар ташкили обуна ба «Овози тоҷик» баъзе маърифатпарварони равшанфикр аз ҳисоби маблағи пасандози худ саҳмгузорӣ ҳам мекарданд. Охири солҳои 80-ум, ки Иттиҳоди Шӯравӣ дар арафаи пошхӯрӣ қарор дошт, дар ҳаёти иқтисодии мамлакат душвориҳои зиёд ба миён омада буданд. Ҳарчанд бинобар нархи ҳамон давр қимати обуна ба газета чандон гарон набуд, адади муштариён – обуначиён хеле кост.

Боре маърифатпарвари самарқандӣ Хуршед Маҳмудов ном дӯсти наздики мо иброз дошт, ки аз ҳисоби маблағи пасандози худ барои обунаи газетаи маҳбубаш ҳазор сӯм ҷудо мекунад. Он вақт нархи солонаи обуна барои «Ҳақиқати Ӯзбекистон» 4 сӯму 08 тин буд. Яъне ҳазор сӯм барои 250 нусха обунаи яксола мерасид. Марди саховатпеша ин маблағро ба суратҳисоби «Союзпечат» – идораи тарғибу ташвиқ ва паҳн кардани матбуот гузаронд.

Мутаассифона, тайи солҳои охир кам шудани теъдоди обуначиён ва пайваста ба ин костани миқдори нашри он сабабҳо дорад.

Назар ба фикру мулоҳизаҳои аксар рӯзномахонон, бинобар бо суръат ривоҷ ёфтани воситаҳои нави ахбори электронӣ таваҷҷуҳ ба матбуоти нашрӣ костааст ва танҳо нашри маводи реклама, хабару мақолаҳои нишонрас, матолиби ахлоқиву тарбиявӣ, маслиҳатҳои муфид оид ба ҳифзи саломатӣ ва амсоли инҳо метавонанд эътибори онҳоро ҷалб кунанд.

Шукр, ки туфайли истиқлол ва фароҳам омадани имкониятҳои васеъ барои худтаъминкунӣ дар байни соҳибони корхонаҳои калон, ширкат ва фермерҳо, корхонаҳои хусусӣ миқдори давлатмандон сол аз сол зиёд шуда, адади супермаркету тӯйхона, шохобҳои сӯзишворию дорухонаҳо ва ғайра меафзоянд. Мардум маъракаву маросимҳои бодабдабаю сермасриф ташкил мекунанд, барои мошинҳои қиматбаҳояшон рақамҳои давлатиро бо маблағи гарон мехаранд. Умуман худнамоиҳои зиёд ба назар мерасанд. Вале, мутаассифона, нашунидем, ки давлатманде дар паҳлуи ҳамон супермаркет ё заправкааш, аққалан ягон дукони китоб ё китобхона сохта бошад, ё худ ба донишҷӯй ё мактабхоне китоб армуғон, ба ягон муштарӣ барои обуна ба рӯзнома маблағ ҷудо карда бошад. Шояд ин гуна давлатмандони саховатпеша ва маърифатпарвар бошанд, лекин онҳоро пайдо кардан, ба дилашон роҳ ёфтан ҳам маҳорати хосаеро тақозо мекунад.

Ёд дорам, вақте бо чунин як масъала ба Муродҷонака – соҳиби як тарабхонаи на чандон калон, ки бо номи «Истаравшан» дар қарибии идораи «Овози тоҷик» вуҷуд дошт, мурочиат карда будем. Он кас ҳамчун як маърифатпарвар саховатпешагӣ зоҳир карда буданд, ки ҳеч гоҳ аз хотир фаромӯш намешавад. Оре, чунин ашхос ҳастанд, бояд онҳоро пайдо кард ва ба дилашон шамъи маърифат афрӯхта тавонист.

**Аслиддин ҚАМАРЗОДА,**
**Корманди шоистаи фарҳанги Ҷумҳурии Ӯзбекистон,**
**хабарнигори ҷамоатии «Овози тоҷик» аз соли 1963.**



*Дар осорхонаи давлатии санъати Қароқалпоқистон ба номи И. В. Савитский, ки дар Нукус ҷойгир мебошад, бахшида ба 80-умин солгарди рассоми шинохта Ислом Жақсибоев таҳти унвони «Она юртнинг илиқ тафти» намоишнома ташкил карда шуд.*

*Ислом Жақсибоев солҳои 1960-1980 барои ташаккул додани мактаби рассомии Қароқалпоқистон саҳми бузург гузоштааст. Суратҳои зебои рассом рангҳои нотакрори кишвари азизро таҷассум менамоянд. Чун бисёр ҳамкасбони худ дар устохонаи рассомӣ ӯ низ анъана ва урфу одатҳои Қароқалпоқистонро тасвир кардааст. Эҷодиёти И. Жақсибоев ифодаи равшани этнографияи халқ, табиати Қароқалпоқистон, ҳаёти маънавии мардум буда, дар худ намунаҳои равшани онро ғунҷондаанд.*

***Суратгир: М. ҲАБИБУЛЛОЕВ (ЎзА).***

# ОҚИБАТҲОИ НОХУШИ ИЗДИВОҶИ БАРВАҚТ

***Дар баъзе минтақаҳои кишварамон издивоҷи барвақти духтарон ба ҳукми анъана даромадааст. Ҳарчанд қонунгузориҳои мамлакат издивоҷи зану мардро пас аз ҳаждаҳсолагӣ муқаррар кардааст, аммо духтарон дар синни шонздаҳ-ҳабдаҳ низ ба шавҳар мебароянд. Оё ин наметавонад боиси парокандашавии оилаҳои ҷавон шавад?***

Дар Ӯзбекистон чанде муқаддам синни издивоҷи духтарон аз 17 ба 18 афзоиш ёфт ва ин хабар мардуми зиёд, хусусан аҳли маърифату зиёро хушҳол намуд. Дар солҳои истиқлол, баъди ташкили коллеҷу литсейҳо духтарон ҳанӯз дар синни 17 талабаи литсей ё коллеҷ мебошанд. Бо айби падару модарон бархе аз ин духтарон баъди издивоҷи бармаҳал аз идомаи таҳсил даст кашида, хонашин мешаванд.

Ёдовар мешавем, ки тибқи моддаи 1-уми Конвенсия дар бораи ҳуқуқи кӯдак, ҳар шахси то 18-сола ҳанӯз кӯдак ҳисобида мешавад. Ӯзбекистон ба ин конвенсия соли 1992 ҳамроҳ шудааст. Бар асоси қонунгузориҳои миллӣ меъёре мавҷуд аст, ки духтарони ба синни ҳаждаҳ нарасидаро иҷозаи издивоҷ медиҳад. Албатта, ин меъёр ба меъёрҳо ва принсипҳои қобили эътирофи ҷомеаи байналмилалӣ дуруст намеояд, барои ҳамин нисбати он дар қонунгузориҳои мо таҷдиди назар ба вуқӯъ пайвастааст. Дар ҳар сурат қабули чунин қонун, ки пешгирии издивоҷи бармаҳал ва таваллуди барвақти занонро дар меҳвар қарор додааст, иқдоми басо олиҷаноб мебошад.

Ногуфта намонад, ки дар Русия, Арманистон, Тоҷикистон, Озарбойҷон, Украина, Молдова, Фаронса, Олмон ва Филиппин синни издивоҷ барои мардон ва занон 18 муқаррар шудааст. Мувофиқи қарори Президент аз 22 апрели соли 2019 «Дар бораи чораву тадбирҳои иловагии боз ҳам тақвияти кафолатҳои ҳуқуқи кӯдакон» аз 1 сентябри соли 2019 синни издивоҷ барои мардон ва занон 18 муқаррар гардидааст.

Дар маълумотҳои оморие, ки ба даст омадааст, шумораи духтароне, ки никоҳашон дар синни 17 аз ҷониби мақомоти сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ қайд шудааст, дар соли 2016 ҳудуди 4 ҳазору 230 нафар, дар соли 2017 4 ҳазору 853 нафар ва дар соли 2018 5 ҳазору 123 нафарро ташкил додааст.

Беҳуда нест, ки ин масъала Президентро низ бетараф намегузорад. Вай дар яке аз ҷаласаҳои васеъ нақши оила дар ҷомеа ва баланд бардоштани маънавиёти онро яке аз масъалаҳои мубрами рӯз арзёбӣ намудааст. Шавкат Мирзиёев афзоиши бештари масъулияти волидонро дар тақдири ояндаи фарзандон хеле муҳим хондааст. Тавре ки вай зикр кардааст, «Дар ҳаёт ҳанӯз муаммои ҷиддие мавҷуд, ки маҳз ба ҳамин масъала вобастааст. Ин ҷо як саволи дарднок ба миён меояд: чаро ҳодисаҳои ба шавҳар додани духтарони ҷавоне, ки ҳанӯз ба ҳаёти мустақилона омода нестанд, кам нашудааст? Мутаассифона, баъзе модарон мекӯшанд, ки духтарашонро ҳарчи зудтар ба шавҳар диҳанд». Ин ҳарфҳои сарвари давлатамон дар байни аксарият вокунишҳои мусбат ба бор овард. Дар ҷомеа ҳамеша як қатор афрод, хосатан занҳои таҳсилнокардаву дур аз маърифат ба чунин иқдом даст мезананд.

– Дарҳақиқат, ин гуна занҳоро дар ҷомеаи мо пайдо кардан мумкин аст, ки ҳатто орзую армони духтарашонро намепурсанд, фикри онҳоро нодида мегиранд. Барои ҳамин як идда оилаҳои ҷавон зуд пароканда шудаанд, теъдоди ин оилаҳо сол аз сол рӯ ба афзоиш овардааст, ки боиси нигарониҳо мебошад, – мегӯяд профессор Саодат Боймирзоева.

Ба таъкиди ӯ, агар ҳар гуна издивоҷ дар натиҷаи муҳаббати тарафайн сурат гирад, он ҳаргиз завол нахоҳад ёфт. Калонсолон бояд ба ин ҷиҳати масъала ҳамеша диққату эътибори худро равона созанд. Дар ин замина фаъолони ҷамоаҳои шаҳрвандӣ бояд корҳои тарғиботиву ташвиқотиро бештар дар байни ҷавонон пиёда кунанд.

– Як нуктаи дигар набояд фаромӯш шавад. Духтаре, ки дар синни 16-17 ба шавҳар мебарояд, ҳанӯз аз ӯҳдаи иҷрои корҳои зиёди хона намебарояд. Аммо хушдоман, мисле ки арӯс неву канизе фаровардааст, тамоми кори хонаро ба дӯши ин духтарча мегузоранд. Вай бояд пеш аз дигарон аз хоб хезад, рӯфтурӯб кунад, либос шӯяд, хӯрок пазад, дастурхон орояд ва баъди анҷоми боз чанд кори дигар шишта ношто кунад. Магар ин аз рӯи адолат аст? Ҳаргиз не! Ҳоло ман аз боби он ҳарфе намезанам, ки баъди чанд муддат вай ҳомила мешаваду фарзанд таваллуд мекунад. Бо вуҷуди ин, хушдоман андак ба вай сабукӣ намедиҳад ва «Гӯр сӯзаду дег ҷӯшад» гуфтагӣ барин дар фикри дасти кумак дароз кардан намешавад, – изҳор медорад собиқадори соҳаи маориф аз ноҳияи Сӯх Назираой Маҳматова.

Вай тазаккур медиҳад, ки баъди чунин бархӯрди носолим духтар кушиш мекунад, ки зудтар аз ин ҷаҳаннам халос шавад ва пайт поида, хонаи падару модараш мегурезад. Дар натиҷа як оилаи ҷавон барҳам мехӯрад.

Шаҳри куҳани Марғелон низ дар мавриди зуд ба шавҳар додани духтарон аз минтақаҳои дигар ақиб намемонад. Барои ҳамин як гурӯҳ фаъолзанони марғелонӣ даст ба кор задаанд, ки аз издивоҷи бармаҳали духтарон ҷилавгирӣ кунанд. Ҳатто пешниҳод кардаанд, ки волидон духтарони худро баъди 19-20 солагӣ ба шавҳар диҳанд.

Дар ҷаласаи Кумитаи занону духтарон ва баробарии гендери Олий Маҷлис масъалаи бармаҳал ба шавҳар додани духтарон дар кишвар баррасӣ шуд. Дар он Вазорати маҳалла ва дастгирии оила оид ба вазъи корҳои марбути издивоҷи бармаҳали духтарон ва пешгирии ақди никоҳ байни хешовандон маълумот ироа кардааст.

**Мирасрор АҲРОРОВ,**
**мухбири «Овози тоҷик».**
*Вилояти ФАРҒОНА.*

*14-январ – Рӯзи муҳофизони Ватан*



## Ба хидматчиёни ҳарбӣ ҳуҷраҳои нав пешниҳод гардиданд

Дар арафаи 32-юмин солгарди таъсисёбии Нирӯҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Ӯзбекистон ба аскарон ва ҳарбиёни нафақахӯри Вазорати мудофиа ва Вазорати оид ба вазъиятҳои фавқулода калиди ҳуҷраҳо аз хонаи 16 ошёна, ки дар мавзеи нави Нукус-ситии шаҳри Нукус, маркази Қароқалпоқистон ҷойгир шудаанд, бо тантана супурда шуданд.

Ҳуҷраҳо дар пояи имтиёзи дарозмуҳлати вомӣ ипотекӣ пешниҳод гардиданд.

Дар маросими мазкур фармондеҳи қӯшунҳои округи ҳарбии Шимолу Ғарб, генерал-майор Фарҳодҷон Шерматов, муовини раиси Шӯрои Вазирони Ҷумҳурии Қароқалпоқистон оид ба масъалаҳои сайёҳӣ, фарҳанг, мероси маданӣ ва коммуникатсияҳои оммавӣ Расул Зарикеев, намояндагони ҳокимияти шаҳр ва сохторҳои неруӣ, роҳбарияти Прокуратураи ҳарбии Нукус, ҷомеа, аъзои оилаи хидматчиёнӣ ҳарбӣ иштирок карданд.

Дар чорабинӣ зикр гардид, ки ба муҳофизони Ватан пешниҳод шудани ҳуҷраҳо аз хонаи 16-ошёна дар асоси воми имтиёзноки ипотека, ки дар ҳудуди ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаи Жеке Терек бунёд шудааст, барои онҳо туҳфаи махсус шуд.

Соли равон 30 нафар хидматчиёни ҳарбии Вазорати мудофиа ва 30 корманди Вазорати оид ба вазъиятҳои фавқулода 14 январ – Рӯзи муҳофизони Ватанро дар ҳуҷраҳои нави худ истиқбол мегиранд.

**Довуд АБИБУЛЛОЕВ,**
**хабарнигори ЎзА.**
**Суратгир: М. ҲАБИБУЛЛОЕВ (ЎзА).**

# БАҲРИ ТАЪЛИМИ БОСИФАТ

***Чунончи дар мақолоти пешин зикр карда будем, дар соли сипаришуда барои амалӣ намудани барномаи давлатии Гиромидошти инсон ва таълими босифат дар вилояти Сурхондарё корҳои бузург ба сомон расонида шуд.***

Сарҳисоб гардид, ки дар вилоят ду мактаби нави замонавӣ сохта ба истифода дода шуд. 38 мактаб реконструксия гардид ва 62 мактаб мукаммал таъмир шуд ва 429 мактаб аз таъмири ҷорӣ баромад. Яъне барои дар шароити хуб таълим гирифтани зиёда аз 200 ҳазор нафар шогирдони дабистон имконияти хуб фароҳам омад.

Инчунин, дар соли сипаришуда 948 мактаби вилоят бо зиёда аз 5 ҳазор дона компутер, 1520 дона тахта, 460-то маҷмӯи партаҳои замонавии хониш ва 7 намуди асбобҳои мусиқӣ ва ҷиҳозҳои мукаммали варзишӣ таъмин карда шуд. Боз ҳоҷатхонаи 150 мактаб ба талаботи замон ва санитарӣ пурра ҷавобгӯ таъмир карда шуд. 124-то мактаб бо девор иҳота гардид.

Бо ташаббуси давлат дар натиҷаи ташкил карда шудани «маҷлиси падарон» ва «рӯзи қабули падарон» бесабаб аз дарс мондани шогирдон 12,5 фоиз кам гардида, азхуд кардани дарсҳо ба 30 фоиз бардошта шуд.

Аз ҷумла, дар соҳаи муассисаҳои таълими томактабӣ низ як қатор корҳои назаррас амалӣ гардид. Дар соли сипаришудаи 2023 дар вилояти Сурхондарё 23 боғчаи бачагонаи давлатӣ, 7 шарикии давлатӣ-хусусӣ ва 168 оилавӣ, ҷамъ, 198 боғчаи бачагона ташкил карда шуд, ки ин нишондоди хеле баланд аст. Дар натиҷаи ин, зиёда аз 15,2 ҳазор нафар бо ҷойи кор таъмин гардиданд. Дар ин соҳа дар вилоят сол аз сол зина ба зина пешравӣ ба назар мерасад. Нисбат ба соли 2022 (60,6 фоиз) дар соли 2023 – 65 фоиз рушди соҳа ба қайд гирифта шуд.

**Олим ПАНҶИЗОДА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Сурхондарё.**

Овози тоҷик
МУАССИСЛАР:
Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши, Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ўзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
*Тожик тилида нашр этилади.*

Сармуҳаррир
Шерпӯлод ВАКИЛОВ
Рӯзнома ҳафтае ду маротиба: рӯзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.
***Рӯзнома дар компутерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид.***

*Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рӯзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.*

Рӯзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ўзбекистон таҳти рақами 0003 ба рӯйхат гирифта шудааст.
Индекси нашр — 170 . Фармоиши 2 Г-128.
Адади нашр 242. Ҳаҷм 2 ҷузъи чопӣ.
Усули нашр – офсет, андозаи А-2.
1 2 3 4 5 6
ISSN 2010-7757

Муҳаррири навбатдор: Т. Тӯхтаев.
Саҳифабанд-дизайнер: Х. Тӯхтаева.
Мувофиқи ҷадвал — 20.00
Ба чоп супурда шуд — 22.30

Нишонии мо:
100011 ш.Тошканд, кӯчаи Навоӣ, 30, ошёнаи 4.
Телефонҳо: қабулгоҳ: +998555200337;
Котибот +998555200336.
Факс: +998555200337.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru
Индекси обуна 170.
Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ».
Нишонии корхона: кӯчаи Буюк Турон, хонаи 41.